Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№18 (12552)
7 майи
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ПЕШРАФТ

ОЗМОИШГОҲИ МУОСИРИ STEM ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

5 майи соли 2026 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и шаҳри Душанбе маросими ифтитоҳи озмоишгоҳи муосири STEM барои муассисаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон баргузор гардид. Чорабинии мазкур дар доираи татбиқи лоиҳаи муштараки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияи Аврупо ва ЮНЕСКО амалӣ шуда, ба таҳкими таълими STEM, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рушди таҳсилоти босалоҳият равона гардидааст. Дар он вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовини вазири маориф ва илм, сафири Иттиҳодияи Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Радослав Дарски, ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Парвати Рамасвамӣ, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, намояндагони ЮНЕСКО, шарикони рушд, роҳбарону омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, намояндагони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, инчунин, хонандагон иштирок намуданд.

Дар оғоз меҳмонон намоишгоҳи фанниро дар саҳни муассиса тамошо карда, бо дастовардҳои хонандагон аз фанҳои химия, физика, биология, китобҳои дарсии нав, маводи таълимӣ ва модулҳои такмили ихтисос шинос шуданд.

Зимни суханронии худ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода таъкид намуд, ки ифтитоҳи чунин озмоишгоҳҳои муосир самараи сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, барои густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Қайд гардид, ки дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО ва бо ҷалби мушовирони байналмилалӣ як қатор корҳои муҳимми соҳавӣ, аз ҷумла, таҳияи стандартҳои муосири таълимӣ, китобҳои дарсӣ бо равиши инноватсионии 5E ва таҳкими иқтидори касбии омӯзгорон амалӣ гардидааст. Инчунин, «Талаботи тахассусӣ вобаста ба салоҳиятҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии омӯзгорон», стандартҳои фанҳои химия, физика ва биология, 14 номгӯи китоби дарсӣ барои синфҳои 7-11 таҳия ва нашр гардидаанд.

Ҳамчунин, зикр шуд, ки дар доираи татбиқи лоиҳа 70 муассисаи таълимӣ ҳамчун пойгоҳи таҷрибавӣ интихоб гардида, 385 нафар омӯзгор ва ҳайати роҳбарикунанда аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шудаанд.

Вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки 32 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар бо озмоишгоҳҳои муосири STEM таъмин гардидаанд. Озмоишгоҳҳои мазкур бо тахтаҳои электронӣ, ноутбук, планшет, зиёда аз 40 номгӯи таҷҳизоти фанни физика, 77 номгӯи таҷҳизоти фанҳои химия ва биология, инчунин, таҷҳизоти махсуси STEM муҷаҳҳаз буда,



арзиши миёнаи ҳар як озмоишгоҳ 509 ҳазору 450 сомониро ташкил медиҳад.

Дар идома вазир ба Иттиҳодияи Аврупо барои дастгирии молиявии лоиҳа ва саҳмгузорӣ дар рушди соҳаи маорифи кишвар изҳори сипос намуда, қайд кард, ки чунин ташаббусҳо барои омода намудани мутахассисони рақобатпазир ва рушди устувори ҷомеа заминаи боэътимод мегузоранд.

Иштирокчиён баъдан бо имкониятҳои озмоишгоҳи муосири STEM шинос гардиданд. Зикр шуд, ки озмоишгоҳ ҳамчун муҳити инноватсионии таълимӣ ба омӯзиши амаливу таҳқиқотӣ, иҷрои лоиҳаҳо, кор дар гурӯҳ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ мусоидат менамояд.

Дар доираи барнома хонандагон ва омӯзгорон як қатор намоишҳои амалӣ баргузор намуданд. Аз ҷумла, озмоишҳои химиявӣ, таҷрибаҳои физикӣ вобаста ба энергия ва ҳаракат, корҳои озмоишгоҳӣ дар самти биология бо истифода аз микроскопҳо, лоиҳаҳои робототехникӣ ва муҳандисӣ, технологияҳои «хонаи ҳушманд», 3D-моделсозӣ ва истифодаи тахтаҳои интерактивӣ ва озмоишгоҳҳои маҷозӣ муаррифӣ гардиданд.

Ҳамчунин, платформаи рақамии «Omuzgor-Pro», ки дар доираи лоиҳа таҳия шудааст, ҳамчун воситаи дастгирии омӯзгорон ва рушди доимии касбии онҳо муаррифӣ карда шуд.

Бояд зикр намуд, ки дар доираи татбиқи лоиҳа 6 озмоишгоҳи филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, 7 маркази такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимии касбӣ-техникӣ ва 32 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо таҷҳизоту мебелҳои муосири STEM ва ТИК муҷаҳҳаз гардидаанд.

Татбиқи чунин иқдомҳо ба баланд бардоштани сифати таълим, такмили маҳорати омӯзгорон, рушди таҳсилоти босалоҳият ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир мусоидат хоҳад кард.

Ёдовар бояд шуд, ки лоиҳаи «Таҳкими муносибати босалоҳият ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими STEM (илм, технология, муҳандисӣ ва математика), таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон дар Тоҷикистон» аз ҷониби Иттиҳодияи Аврупо маблағгузорӣ гардида, аз ҷониби ЮНЕСКО амалӣ мешавад.



Рамзи «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» тасдиқ гардид

04.05.2026

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рамзи «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ»-ро тасдиқ намуданд.

Рамз дар шакли мудаввар таҳия шуда, даврадаври он ба забони тоҷикӣ «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» 2026 навишта шудааст.

Дар ин рамз офтоб, кӯҳҳою қуллаҳои барфпӯш ва домани сабзи замин баёнгари кишвари кӯҳистону офтобӣ ва табиати биҳиштосои Тоҷикистон, инъикоси ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба об ва ҳифзи пиряхҳо, биноҳои зебову нақбу роҳҳо нишона аз созандагиву ободонӣ ва сарбанду хатҳои баркӣ ибрози нурофарӣ аст.

Бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парчам ва манораи боҳашамати Истиқлол рамзи пойдории миллату давлат ва китоби кушода нишонаи донишу маърифат ва таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ мебошанд.

Вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва воситаҳои ахбори омма метавонанд аз рамзи тасдиқшуда васеъ истифода намоянд.

ТАВАҶҶУҲ

Агар хоҳед, ки аз навовариҳои соҳаҳои маориф ва илм огоҳ бошед, асноду ҳуҷҷатҳои соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз дастовардҳои хонандагони тоҷик иттилоъ ёбед, маводу матолиби судмандро доир ба соҳа мутолиа намоед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз биомӯзед, пас ба саҳифаи расмии вазорат дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram – «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваст шавед.

QR – коди саҳифаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram.

FACEBOOK

TELEGRAM

Ҳасуд одами мағрури ҷаҳлу нодон аст,
Ки доимӣ ба дилаш дуди кина печон аст.
Тошхӯҷа Асирӣ

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ



Масоили муҳим дар ҷаласаи назоратӣ

29 апрели соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи навбатии ҳайати мушовара баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа аъзои ҳайати мушовара, муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, роҳбарони як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони сарраёсат, раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Раиси ҷаласа нахуст ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда, аҳаммияти масъалаҳои баррасишавандаро таъкид кард.

Дар ҷаласа масъалаи рафти иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббароркуниҳои ғайринақдӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифт. Доир ба ин масъала сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм А. Хоҷазода гузориш пешниҳод намуда, оид ба тадбирҳои андешидашуда, натиҷаҳои бадастомада ва вазифаҳои минбаъда маълумот дод. Таъкид гардид, ки густариши ҳисоббароркуниҳои ғайринақдӣ дар муассисаҳои соҳа яке аз омилҳои муҳимми таъмини шаффофият ва самаранокии фаъолияти молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Сипас масъалаи китоби дарсии «Технологияи иттилоотӣ» барои хонандагони синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ гардид. Дар ин замина, директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ У. Ҳасанзода оид ба раванди таҳия, мутобиқати мазмун ба талаботи стандартҳои давлатӣ ва аҳаммияти он дар баланд бардоштани савияи донишҳои рақамии хонандагон гузориш дод.

Ҳамзамон, дар ҷаласа масъалаи ворид намудани тағйирот ба «Тартиби гузаронидани олимпиадаҳои фаннӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» мавриди муҳокима қарор гирифт. Сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ Ш. Асомиддинзода доир ба такмили механизми баргузории олимпиадаҳо, таъмини шаффофият ва фарогирии бештари хонандагон маълумот пешниҳод намуд.

Бо дарназардошти пешниҳоду мулоҳизаҳои иштирокчиён, аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Дар фарҷоми ҷаласа вазири маориф ва илм ба масъулин ҷиҳати андешидани тадбирҳои зарурӣ барои дар сатҳи баланд истиқбол гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои саривақтӣ ва босифати қарорҳои қабулшуда, таъмини иҷрои талаботи фармони мазкур, такмили мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ, беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, тозаву озода нигоҳ доштани муҳити муассисаҳои таълимӣ, инчунин, рушди низоми дарёфт, тарбия ва дастгирии хонандагони болаёқат ва соҳибистеъдод дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ

1 майи соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо иштироки муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, инчунин, роҳбарон ва кормандони масъули марказу гурӯҳҳои идоракунии лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ҷаласа оид ба баррасии рафти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии назди вазорат баргузор гардид.

Дар оғоз вазири маориф ва илм иброз дошт, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд ва Фонди Саудии Рушд, дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ мавриди татбиқ қарор дорад.

Таъкид гардид, ки ҳадафи асосии татбиқи лоиҳаҳои мазкур ислоҳоти соҳаи маориф тавассути навсозии мундариҷаи таълим, бартараф намудани нобаробарӣ дар дастрасӣ ба таҳсилот, сохтмон ва таҷҳизонидани муассисаҳои таълимӣ ва биноҳои раёсату шуъбаҳои маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот, иштирок дар арзёбиҳои байналмилалӣ ва таҳияи Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар ҷумҳурӣ мебошад.

Ҳамзамон, рушди сармояи инсонӣ, беҳтар намудани малакаҳои касбӣ, модернизатсияи низоми таълим, фароҳам овардани шароити мусоид барои омӯзиши илмҳои дақиқ, тақвият бахшидани иқтидори таълимӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ва тобоварӣ ба офатҳои табиӣ аз самтҳои муҳимми дигари лоиҳаҳои амалкунанда арзёбӣ гардид.

Зикр шуд, ки соли 2025 муҳлати татбиқи марҳалаи аввали лоиҳаи «Дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба анҷом расида, дар доираи он 68 муассисаи таълимӣ ва биноҳои 5 раёсату шуъбаи маориф сохта, бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин ва мавриди истифода қарор дода шуданд.

Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки тибқи нақшаи амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории амалкунанда, сохтмон ва таҷҳизонидани иншооти соҳаи маориф, аз ҷумла, муассисаи таълимӣ ва биноҳои шуъбаи маориф пешбинӣ гардидааст.

Дар идома роҳбарон ва менеҷерони марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ вобаста ба ҷараёни амалисозии лоиҳаҳо ҳисобот пешниҳод намуда, доир ба корҳои анҷомёфта, нишондиҳандаҳои молиявӣ, марҳалаҳои сохтмонӣ, раванди хариди молу хизматрасониҳо ва ҳамкорӣ бо шарикони рушд маълумоти муфассал манзур намуданд.

Аз ҷумла, менеҷери лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» Н. Азатуллозода дар гузориши худ иттилоъ дод, ки иҷрои нақшаи молиявӣ дар 4 моҳи соли ҷорӣ таъмин гардид.

А. Бобохон – менеҷери лоиҳаи «Такмили таҳсилоти миёна дар соҳаҳои илмҳои табиӣ, технологӣ, муҳандисӣ ва математика» дар гузориши худ иттилоъ дод, ки нақшаи молиявӣ дар 4 моҳи соли ҷорӣ иҷро гардида, татбиқи лоиҳа тибқи нақшаи тасдиқшуда идома дорад.

Дар рафти ҷаласа вазири маориф ва илм вобаста ба сатҳи нокифояи иҷрои нақшаи молиявӣ дар доираи лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳалаи II) изҳори нигаронии ҷиддӣ намуда, таъкид кард, ки суръати кунунии азхудкунии маблағҳо ба талаботи нақшаи тасдиқгардида ҷавобгӯ нест ва метавонад ба татбиқи саривақтӣ ва босифати чорабиниҳои пешбинишуда таъсири манфӣ расонад.

Менеҷери лоиҳаи мазкур А. Асрорзода иттилоъ дод, ки иҷрои нақшаи молиявӣ дар 4 моҳи соли ҳисоботӣ ҳамагӣ 34,6 фоизи нақшаи чормоҳа ва 5,6 фоизи нақшаи солонаи молиявиро ташкил медиҳад.

Дар ин замина, вазири маориф ва илм сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани чунин вазъро таъхир дар бастани шартнома бо ширкатҳои байналмилалии мушовирӣ оид ба идоракунии самти сохтмон, мушкилиҳо дар раванди хариди молу хизматрасониҳо, инчунин, дер ҷалб гардидани мутахассисони Гурӯҳи татбиқи лоиҳа арзёбӣ намуд.

Дар лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо» (марҳалаи 5) ба иттилои муовини директори лоиҳа С. Холмирзозода иҷрои нақшаи молиявӣ дар 4 моҳи соли ҳисоботӣ пурра таъмин гардидааст. Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудкардашуда аз оғози татбиқи лоиҳа 32%-и арзиши умумии лоиҳаро ташкил медиҳад.

Зимни таҳлилу баррасии масъалаҳо таъкид гардид, ки барои татбиқи босифат ва саривақтии лоиҳаҳо аз ҷониби марказ ва гурӯҳҳои идоракунии лоиҳаҳо зарур аст, ки корҳо дар самти лоиҳакашӣ, сохтмон, хариди молу хизматрасониҳо боз ҳам таҳвият дода шаванд.

Таъкид гардид, ки роҳбарият ва масъулини лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳалаи II) бояд ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои мавҷуда, суръат бахшидан ба иҷрои корҳои банақшагирифташуда ва таъмини азхудкунии мақсадноки маблағҳо тадбирҳои фаврӣ ва муассир андешанд.

Дар фарҷоми ҷаласа вазири маориф ва илм ба масъулини марказу гурӯҳҳои идоракунии лоиҳаҳо ҷиҳати таъмини татбиқи босамар, шаффофу саривақтии лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва пешниҳоди гузориш вобаста ба иҷрои корҳо дар самти татбтиқи амалии лоиҳаҳо дар ҳар семоҳа дастуру супоришҳои мушаххас дод.

2 майи соли 2026 вохӯрии судманду муҳимми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон, намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар ноҳияи Кӯшониён бо фаъолони ноҳия баргузор гардид.

Вохӯрии мазкур дар заминаи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 апрели соли 2026 баён гардиданд, доир шуда, ҳадафи он татбиқи босифати сиёсати давлатӣ дар маҳал ва омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар оғоз зикр гардид, ки дар ҷаласаи Ҳукумати мамлакат таҳти раёсати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар семоҳаи якуми соли 2026 мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, барои ҳамаи сохторҳо вазифаҳои мушаххас муайян карда шуданд. Таъкид шуд, ки сарфи назар аз таъсири омилҳои берунӣ, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин гардида, иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ ба 108,3 фоиз баробар шудааст. Ин нишондиҳандаҳо аз устувории иқтисоди миллӣ ва самаранокии тадбирҳои андешидашуда шаҳодат медиҳанд.

Вохӯрӣ бо фаъолони ноҳияи Кӯшониён

Ҳамзамон, Роҳбари давлат таваҷҷуҳи масъулинро ба масъалаҳои муҳим, аз ҷумла, коҳиш додани бақияпулиҳои андоз, суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ ҷалб намуда, барои бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда дастуру супоришҳои қатъӣ доданд.

Масъалаи рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ боқӣ монда, дар ин замина, зарурати афзоиши фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, татбиқи босифати барномаи рушди фанҳои дақиқ ва таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муосир муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар идомаи суханронӣ омодагӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ вазифаи калидӣ арзёбӣ гардида, иҷрои нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ дар сатҳи кишвар ба 106,7 фоиз расонида шудааст. Бо вуҷуди ин, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо иҷрои нақша ҳанӯз қонеъкунанда набуда, тақозо мегардад, ки корҳои созандагӣ боз ҳам таҳвият бахшида шаванд.

Ба масъулини ноҳияи Кӯшониён супориш дода шуд, ки то 15 май барномаи мукаммали омодагӣ ба ҷашни мазкурро таҳия ва тасдиқ намуда, барои дар сатҳи баланд баргузор намудани он тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Ҳамчунин, дар вохӯрӣ масъалаи рушди соҳаи кишоварзӣ, ки барои ноҳияи Кӯшониён аҳаммияти калидӣ дорад, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Қайд гардид, ки ноҳия ҳамчун яке аз калонтарин минтақаҳои кишоварзӣ бояд бо истифодаи самараноки замин, афзоиши майдони кишти зироатҳо ва таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти тару тоза саҳми муносиб гузорад. Дар баробари ин, масъалаи рақамикунонӣ ва густариши пардохтҳои ғайринақдӣ низ матраҳ гардида, зикр шуд, ки нишондиҳандаҳои мавҷуда қонеъкунанда бошанд ҳам, талаботи замон тақозо мекунад, ки гузариш ба низоми пурраи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ таъмин карда шавад.

Дар қисмати марбут ба соҳаи маориф иттилоъ дода шуд, ки дар ноҳияи Кӯшониён 60 муассисаи таълимӣ фаъолият дошта, дар онҳо 64,9 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ин нишондиҳанда масъулияти кормандони соҳа ва мақомоти маҳаллиро дар самти баланд бардоштани сифати таълиму тарбия боз ҳам бештар мегардонад.

Дар анҷом вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки татбиқи саривақтии дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва омодагии шоиста ба истиқболи ҷашни таърихии 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як роҳбар ва сокини кишвар ба шумор меравад.

4-8 майи соли равон дар шаҳри Душанбе машғулияти омӯзишии минтақавии Агентии байналмилалии неруи атомӣ баргузор мегардад.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Таҳкими ҳамкориҳо бо Бонки Умумиҷаҳонӣ



4 майи соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрӣ бо намояндагони Бонки Умумиҷаҳонӣ дар доираи миссияи корӣ оид ба арзёбии рафти амалигардонии лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовинони вазир, кормандони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва лоиҳаи мазкур иштирок намуданд.

Вохӯриро вазири маориф ва илм ифтитоҳ намуда, меҳмононро ба вазорат хайрамақдам гуфт. Зимни суханронӣ таъкид гардид, ки чунин мулоқотҳо дар рушду тавсеаи ҳамкориҳои судманд миёни вазорат ва Бонки Умумиҷаҳонӣ нақши муҳим доранд.

Зикр шуд, ки лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» яке аз лоиҳаҳои калидии соҳаи маориф ва илм ба шумор рафта, барои татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 заминаи устувор фароҳам меорад.

Дар доираи татбиқи лоиҳа як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим, аз ҷумла, «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои меъёрӣ оид ба мониторинг ва арзёбии сифати таълим, аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, инчунин, роҳнамоҳо ва методикаҳои дахлдор таҳия ва ба тасвиб расонида шуданд.

Ҳамзамон, ҷиҳати татбиқи тартиби нави арзёбии сифати таҳсилот барои кормандони сохторҳои марбута ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ семинарҳои омӯзишӣ баргузор гардиданд. Дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф 120 нафар тренер омода гардида, зиёда аз 3500 нафар омӯзгор ва корманди соҳа ба курсҳои бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Инчунин, дар доираи лоиҳа 2 муассисаи таълимӣ сохта ба истифода дода шуда, дар 9 муассисаи дигар корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Таъкид карда шуд, ки соли 2025 озмоиши маҳаллии арзёбии байналмилалии PIRLS бо иштироки хонандагони синфҳои 4-ум дар 42 муассисаи таҳсилоти умумии 25 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ баргузор гардида, айни замон марҳалаи асосии он аз 14 апрел то 6 майи соли 2026 дар 171 муассисаи таҳсилоти умумии 52 шаҳру ноҳия доир мегардад.

Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷонибҳо ба таври муфассал масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба, ҷалби сарчашмаҳои иловагӣ, баланд бардоштани сифати банақшагирӣ ва лоиҳакашии иншооти таълимӣ, мутобиқ намудани онҳо ба стандартҳои муосири байналмилалӣ, инчунин, суръатбахшии корҳои сохтмонӣ ва таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти умумиро баррасӣ намуданд.

Ҳамзамон, ба масъалаи таъмин ва васеъ намудани дастрасии муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи интернет, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, тақвияти инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии омӯзгорону хонандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Иштирокдорон, инчунин, оид ба такмили механизмҳои мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот, густариши таҷрибаҳои пилотӣ, истифодаи усулҳои муосири идоракунии лоиҳаҳо, тақвияти иқтидори кадрӣ ва идоракунӣ дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ мубодилаи афкор анҷом доданд. Ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати идомаи ҳамкориҳои созанда, татбиқи марҳилаҳои минбаъдаи лоиҳа ва ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ дар соҳаи маориф таъкид намуданд.

Дар фарҷом роҳбарияти Вазорати маориф ва илм ба Бонки Умумиҷаҳонӣ барои дастгирии пайваста, саҳми арзанда дар рушди соҳаи маориф ва илм, татбиқи лоиҳаҳои муҳим ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд изҳори миннатдорӣ баён намуда, таъкид намуданд, ки чунин ҳамкориҳо дар баланд бардоштани сифати таҳсилот ва фароҳам овардани муҳити муосири таълимӣ дар кишвар нақши муҳим мебозанд.

Густариши ҳамкориҳо бо Федератсияи Россия

5 майи соли равон вохӯрии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо роҳбари Маркази илм ва фарҳанги Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Россотрудничество) Андрей Патрушев баргузор гардид. Зимни мулоқот масъалаҳои густариши ҳамкориҳои гуманитарӣ ва таълимӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зикр гардид, ки намояндагии Маркази илм ва фарҳанги Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Россотрудничество), ки аз соли 2011 фаъолият дорад, ба яке аз ниҳодҳои муҳим дар рушди робитаҳои фарҳангиву илмии ду кишвар табдил ёфтааст. Фаъолияти марказ тавассути «Русский дом» дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, инчунин, шабакаи марказҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ мегардад.

Ҷонибҳо таъкид намуданд, ки ҳамкориҳо, бахусус, дар самтҳои таълим, омӯзиши забони русӣ, табодули фарҳангӣ ва дастгирии ҷавонон, сол ба сол тавсеа меёбанд. Аз ҷумла, барномаи квотаҳои таҳсилотӣ имкон фароҳам меорад, ки ҳамасола садҳо довталаби тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии бонуфузи Федератсияи Россия ба таври ройгон таҳсил намоянд.

Ҳамчунин, ба аҳаммияти ташкили курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва татбиқи барномаҳои ҷавонон, аз ҷумла, барномаи «Здравствуй, Россия!» ишора карда шуд.

Дар идомаи мулоқот вазири маориф ва илм ба масъалаи фароҳам овардани шароити мусоид барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи барномаҳои таҳсилотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия таҳсил менамоянд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Аз ҷумла, таъкид гардид, ки барои таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва таъмини идомаи бемонеаи таҳсили донишҷӯён, тақвияти ҳамоҳангсозии сохторҳои марбутаи ду кишвар муҳим мебошад. Дар ин замина, масъалаҳои вобаста ба будубош ва фаъолияти таҳсилии донишҷӯён, инчунин, пешгирии ҳолатҳои номатлубе, ки метавонанд ба идомаи таҳсили онҳо таъсир расонанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Вазири маориф ва илм пешниҳод намуд, ки ҷиҳати такмили механизми интихоби довталабон барои квотаҳои таҳсилотӣ ҳамкориҳои Маркази илм ва фарҳанги Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маркази барномаҳои байналмилалӣ боз ҳам тақвият дода шавад.

Ҳамчунин, бо мақсади баррасии саривақтии масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои донишҷӯён ва мусоидат ба ҳалли мушкилоти мавҷуда, пешниҳод гардид, ки механизми ҳамоҳангсозии муштараки миёни сохторҳои дахлдори ду кишвар роҳандозӣ карда шавад.

Ҷонибҳо омодагии худро барои густариши ҳамкориҳои минбаъда ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак изҳор дошта, таъкид намуданд, ки чунин ҳамкориҳо барои рушди сармояи инсонӣ, таҳкими робитаҳои дӯстона ва густариши ҳамкориҳои илмиву фарҳангии ду кишвар заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Тақсимоти мутахассисони ҷавон

1 майи соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тақсимоти мутахассисони ҷавони равияи омӯзгорӣ барои соли таҳсили 2026-2027 баргузор гардид.

Дар чорабинӣ сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Саъдуллозода, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода, намояндагони Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, сарраёсат, раёсатҳо, шуъбаву бахшҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни баромадҳо таъкид гардид, ки таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф ба ҳисоб рафта, ба раванди босифати таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон робитаи мустақим дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи маориф ва илм таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ин соҳаро яке аз самтҳои афзалиятнок ва калидии сиёсати иҷтимоии давлат арзёбӣ менамояд.

Дар рафти тақсимот 359 нафар хатмкунанда, аз ҷумла, 97 нафар тибқи квотаи Президентӣ аз рӯйи ихтисос ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар карда шуданд.

***

4 майи соли 2026 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тақсимоти мутахассисони ҷавони равияи омӯзгорӣ барои соли таҳсили 2026-2027 баргузор гардид.

Дар тақсимоти мутахассисони ҷавон сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Саъдуллозода, роҳбарияти донишгоҳ, намояндагони вазорат, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, инчунин, намояндагони сарраёсат, раёсатҳо, шуъбаву бахшҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар ҷараёни тақсимот 147 нафар хатмкунанда, аз ҷумла, 29 нафар тибқи квотаи Президентӣ мутобиқ ба ихтисос ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар карда шуданд.

Дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода ҷаласаи навбатии Шурои миллии таҳсилот баргузор гардид.

Дар ҷаласа роҳбарону кормандони сохторҳои дахлдори дастгоҳи марказии вазорат, намояндагони муассисаҳои илмӣ, роҳбарони гурӯҳҳои ҳамоҳангсози барномаҳо ва китобҳои дарсӣ, инчунин, муаллифон ва мураттибони адабиёти таълимии барои баррасӣ пешниҳодгардида иштирок намуданд.

Баррасии адабиёти таълимӣ

Дар ҷаласа масъалаи пешниҳоди адабиёти таълимӣ барои баррасӣ ва тасдиқ мавриди муҳокима қарор гирифт. Зимни муаррифии адабиёти таълимӣ директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Ҳасанзода иброз дошт, ки дар маҷмуъ, 18 номгӯй адабиёти таълимӣ барои зинаҳои гуногуни таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Қайд гардид, ки аз ин шумора 3 номгӯй барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, «Журнали синф барои синфҳои I-IV», «Журнали синф барои синфҳои V-XI» ва барномаи комплексии мутобиқгардонидашудаи таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони мактаб-интернатҳои ёрирасон пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон, 15 номгӯй адабиёт барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз фанҳои гуногун, аз ҷумла, информатика, зеҳни сунъӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, молия, генетика, омор, геометрия, зоология, астрономия ва дигар самтҳо пешниҳод гардида, мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Ҳамчунин, масъалаи вазъи китобҳои дарсӣ аз фанни тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ гардида, дар ин замина, раиси гурӯҳи ҳамоҳангсози барнома ва китобҳои дарсии фанни мазкур Д. Каримова маърӯза намуд.

Иштирокчиён доир ба масъалаҳои баррасишуда ибрози андеша намуда, ҷиҳати баланд бардоштани сифати адабиёти таълимӣ, такмили низоми таҳия ва тақвияти экспертизаи илмӣ-методӣ пешниҳодҳои мушаххас ироа карданд.

Дар анҷом аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, ба сохторҳои масъул ҷиҳати такмили минбаъдаи китобҳои дарсӣ ва мутобиқсозии онҳо ба стандартҳои муосир дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илм

7 май дар шаҳри Душанбе даври ҷумҳуриявии Фестивал-озмуни «Як матову сад ранг» ва намоиш-фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ доир шуд.

Луқма б-андоза хӯр, эй марди ҳарис,
Гарчи бошад, луқма ҳалвою хабис.
Ҷалолиддини Балхӣ

МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

«ТОҶИКИСТОН, БА ПЕШ!» – ШИОРИ ИМРӮЗ БАРОИ ФАРДОИ ДУРАХШОН

Ё ЧАРО МО БОЯД КОНСЕПСИЯИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДОШТА БОШЕМ?

Муқаддима

Дар таърихи ҷомеаи инсонӣ ҳамеша чунин будааст, ки барои ташаккули зиндагии муназзами иҷтимоӣ, муттаҳид сохтани мардум ва ба самти муайян равона намудани фаъолияти онҳо мавҷудияти арзишҳо ва идеяҳои умумӣ аҳаммияти бузург доштааст. Ҳеҷ ҷомеае бидуни низоми муайяни арзишҳо ва ормонҳои умумӣ наметавонад ба таври устувор рушд намояд. Ин арзишҳо ва ормонҳо, ки дар илмҳои иҷтимоӣ ва фалсафа бо мафҳуми идеология тавсиф мешаванд, на танҳо ҳамчун маҷмуи андешаҳои сиёсӣ ё иҷтимоӣ хизмат мекунанд, балки ҳамчун низоми маънавӣ ва роҳнамои фаъолияти инсонҳо низ баромад менамоянд.

Идеология дар асл як шакли муайяни худшиносии ҷамъиятӣ мебошад, ки ба инсон имкон медиҳад, мавқеи худро дар ҷомеа дарк намояд ва фаъолияти худро ба манфиатҳои умумии ҷомеа мутобиқ созад. Маҳз тавассути чунин низоми арзишҳо ва идеяҳои роҳнамо ҷомеа метавонад неруи созандаи мардумро муттаҳид карда, онро ба самти муайяни рушди иҷтимоӣ равона созад. Дар таърихи кишварҳои гуногун мисолҳои зиёде мавҷуданд, ки дар онҳо идеяҳои умумимиллӣ ва шиорҳои рамзӣ метавонанд ба як қувваи пуриқтидори иҷтимоӣ табдил ёбанд.

Дар асри гузашта, махсусан, дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ, яке аз чунин идеяҳои муттаҳидкунанда шиори машҳури «Роҳ ба сӯйи коммунизм» ба ҳисоб мерафт. Ин мафҳум дар тамоми фазои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи Шуравӣ ҳузури доимӣ дошт ва ба тарбияи наслҳо таъсири ҷиддӣ мерасонд. Гарчанде аксари шаҳрвандони одӣ маънои амиқи назариявии коммунизмро пурра дарк намекарданд, аммо онҳо дар муҳити маънавие тарбия меёфтанд, ки дар он меҳнат, садоқат ба ҷомеа, эҳтиром ба арзишҳои коллективӣ ва хизмат ба давлат ҳамчун арзишҳои олӣ муаррифӣ мешуданд.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳалаи комилан нави рушди таърихӣ ворид гардид. Ин марҳала на танҳо тағйироти сиёсӣ ва иқтисодиро ба миён овард, балки масъалаи ташаккули идеологияи миллӣ ва арзишҳои муттаҳидкунандаи ҷомеаро низ ба таври ҷиддӣ ба миён гузошт. Ҷомеаи тоҷик, ки аз марҳалаҳои душвори таърихӣ гузаштааст, имрӯз дар роҳи бунёди давлати муосир ва ҷомеаи устувор қарор дорад. Дар чунин шароит масъалаи ташаккули идеяҳои умумимиллӣ ва рамзҳои муттаҳидкунандаи ҷомеа аҳаммияти хос пайдо мекунад.



Дар заминаи ҳамин раванд, сухани маъруфи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – «Тоҷикистон, ба пеш!» метавонад ҳамчун як рамзи муҳимми иҷтимоӣ ва идеологӣ арзёбӣ гардад. Ин ибора, ки дар яке аз суханрониҳои Роҳбари давлат садо додааст, дорои мазмуни амиқи иҷтимоӣ ва маънавӣ мебошад ва метавонад ҳамчун даъват ба пешрафт, созандагӣ ва рушди ҷомеа дарк карда шавад.

Идеология ҳамчун механизми ташаккули шуури ҷамъиятӣ

Дар илмҳои иҷтимоӣ ва фалсафа, идеология ҳамчун як шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ баррасӣ мегардад. Он на танҳо маҷмуи ақидаҳои сиёсӣ ё фалсафӣ, балки як низоми муайяни арзишҳо ва меъёрҳои маънавӣ мебошад, ки рафтор ва фаъолияти инсонҳоро танзим мекунад. Идеология ба инсон имкон медиҳад, ки дар байни манфиатҳои шахсӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ тавозун пайдо намояд ва фаъолияти худро бо ҳадафҳои умумии ҷомеа ҳамоҳанг созад.

Файласуфону ҷомеашиносон борҳо таъкид кардаанд, ки ҷомеа бидуни мавҷудияти арзишҳои умумӣ ва идеяҳои муттаҳидкунанда ба осонӣ ба парокандагии маънавӣ дучор мешавад. Дар чунин ҳолат манфиатҳои инфиродӣ аз манфиатҳои ҷамъиятӣ боло мегузаранд ва ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ тадриҷан заиф мегардад. Барои пешгирӣ намудани чунин раванд ҷомеа бояд ҳамеша ба ташаккули низоми арзишҳои муштарак ва идеяҳои муттаҳидкунанда диққати ҷиддӣ диҳад.

Дар ин раванд, нақши шиорҳои рамзӣ низ хеле муҳим аст. Шиорҳо метавонанд ба таври фишурда ва равшан мазмуни як идеяи бузурги иҷтимоиро ифода намоянд. Онҳо қобилияти таъсирасонӣ ба шуури ҷамъиятиро доранд ва метавонанд мардумро ба фаъолияти созанда ҳидоят намоянд. Таърих нишон медиҳад, ки бисёр ташаббусҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ маҳз дар асоси чунин рамзҳо ва шиорҳои умумимиллӣ ташаккул ёфтаанд.

Таҷрибаи идеологии давраи Шуравӣ ва таъсири он ба шуури иҷтимоӣ

Дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ тамоми низоми сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар асоси идеяи сохтмони ҷомеаи коммунистӣ ташаккул ёфта буд. Ин идея дар тамоми сохторҳои давлат, аз ҷумла, дар маориф, фарҳанг, илм ва тарбияи шаҳрвандон нақши марказӣ мебозид. Мафҳуми «роҳ ба сӯи коммунизм» ба як рамзи муҳимми идеологӣ табдил ёфта буд, ки тамоми ҷомеаро ба самти муайяни рушди иҷтимоӣ равона мекард.

Албатта, дар амал татбиқи ин идея ҳамеша бо мушкилот ва зиддиятҳо рӯ ба рӯ мешуд. Аммо сарфи назар аз ин, бояд эътироф кард, ки он дар ташаккули руҳияи меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва ҳисси коллективизм дар байни мардум то андозае таъсиргузор буд.

Ин таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки барои рушди устувори ҷомеа мавҷудияти идеяҳои муттаҳидкунанда ва рамзҳои идеологӣ аҳаммияти муҳим доранд. Ҷомеае, ки дорои чунин арзишҳои муштарак мебошад, метавонад неруи иҷтимоии худро ба самти муайяни созандагӣ равона намояд.

Зарурати ташаккули идеяи умумимиллӣ дар шароити истиқлол

Истиқлоли давлатӣ барои Тоҷикистон на танҳо як воқеаи сиёсӣ, балки оғози марҳалаи нави худшиносии миллӣ ва рушди иҷтимоӣ буд. Ҷомеаи тоҷик дар давраи соҳибистиқлолӣ вазифаи муҳимми бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоиро ба дӯш гирифт. Барои амалӣ намудани ин вазифаҳо зарурати ташаккули идеологияи миллӣ ва арзишҳои муттаҳидкунандаи ҷомеа ба миён омад.

Дар чунин шароит Роҳбарияти давлат ба масъалаи таҳкими худшиносии миллӣ, тарғиби арзишҳои ватандӯстӣ ва ташаккули руҳияи созандагӣ диққати махсус медиҳад. Ин раванд на танҳо тавассути сиёсати давлатӣ, балки тавассути ташаккули рамзҳо ва идеяҳои умумимиллӣ амалӣ мегардад.

Дар байни чунин рамзҳо ва идеяҳо, ибораи «Тоҷикистон, ба пеш!» мавқеи махсус дорад. Ин ибора дар худ на танҳо маънои ҳаракат ва пешрафтро таҷассум мекунад, балки ба як навъ даъвати умумимиллӣ табдил ёфта метавонад.

«Тоҷикистон, ба пеш!» – рамзи ҳаракат ва созандагӣ

Агар ба ин ибора аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ва фалсафӣ назар афканем, мебинем, ки он дорои мазмуни хеле фарох мебошад. Пеш аз ҳама, он рамзи ҳаракат ва пешрафт аст. Ҷомеае, ки мехоҳад рушд намояд, бояд ҳамеша дар ҳаракат бошад. Рукуди иҷтимоӣ ҳамеша боиси заиф гардидани неруи созандаи ҷомеа мегардад.

Ибораи «Тоҷикистон, ба пеш!» мардумро ба он даъват мекунад, ки дар роҳи рушди кишвар фаъол бошанд ва дар бунёди ҷомеаи муосир саҳми худро гузоранд. Ин даъват на танҳо ба сатҳи сиёсӣ маҳдуд намешавад, балки ба тамоми соҳаҳои зиндагии иҷтимоӣ дахл дорад.

Ҳар як шаҳрванд, новобаста аз касб ва мавқеи иҷтимоии худ, метавонад дар пешрафти кишвар саҳм гузорад. Омӯзгор бо таълиму тарбия, олим бо таҳқиқоти илмӣ, деҳқон бо меҳнати заминдорӣ ва соҳибкор бо рушди иқтисодӣ метавонанд ба пешрафти ҷомеа мусоидат намоянд. Маҳз дар ҳамин маъно шиори «Тоҷикистон, ба пеш!» метавонад ба як рамзи умумимиллӣ табдил ёбад.

Нақши тарбиявии идея дар ташаккули насли ҷавон

Яке аз масъалаҳои муҳимми рушди ҷомеаи муосир тарбияи насли наврас ва ҷавонон мебошад. Ояндаи ҳар як давлат аз он вобаста аст, ки насли ҷавон дар кадом руҳия ва бо кадом арзишҳо тарбия меёбад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷавонон бо таъсири гуногуни фарҳангӣ ва иттилоотӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Барои он ки онҳо дар чунин муҳит ҳувияти миллӣ ва ҳисси масъулияти шаҳрвандиро нигоҳ доранд, зарур аст, ки дар раванди тарбия ба онҳо идеяҳои равшан ва арзишҳои устувор пешниҳод карда шаванд.

Дар ин раванд, шиори «Тоҷикистон, ба пеш!» метавонад ҳамчун як формулаи тарбиявӣ хизмат намояд. Ин шиор ҷавононро ба меҳнати созанда, донишомӯзӣ ва фаъолият барои манфиати ҷомеа ҳидоят мекунад. Он ба ҷавонон мефаҳмонад, ки пешрафти кишвар аз талош ва фаъолияти ҳар як шаҳрванд вобаста аст.

Нақши маориф дар ташаккули идеология

Маориф яке аз муҳимтарин василаҳои ташаккули шуури иҷтимоӣ мебошад. Маҳз дар муассисаҳои таълимӣ ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои асосии насли нав шакл мегиранд.

Аз ин рӯ, тарғиби идеяи «Тоҷикистон, ба пеш!» бояд, пеш аз ҳама, дар тамоми муассисаҳои таълимӣ амалӣ гардад.

Омӯзгорон метавонанд дар раванди таълим ва тарбия ба донишҷӯён ва хонандагон фаҳмонанд, ки пешрафти кишвар аз фаъолияти ҳар як шаҳрванд вобаста аст.

Дар ин замина, тарбияи ҷавонон бояд ба ташаккули як қатор сифат, мисли масъулияти иҷтимоӣ, меҳнатдӯстӣ, ташаббускорӣ, эҳтиром ба қонун ва давлатдорӣ равона гардад.

Бояд Консепсияи худшиносии миллӣ дошта бошем

Дар марҳалаи нави рушди давлатдории миллӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро дар даҳсолаҳои охир бо устуворӣ ва ҳадафмандӣ тай намуда истодааст, масъалаи ташаккули шахсияти худогоҳ, дорои ҳувияти миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад. Агар дар оғози истиқлолият масъалаҳои асосӣ ба таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи тамомияти арзӣ ва бунёди пояҳои давлатдорӣ равона шуда буданд, имрӯз марҳалаи сифатан нав фаро расидааст, ки дар он мазмун ва моҳияти давлатдорӣ ба сатҳи шуури шаҳрвандон интиқол меёбад. Дар ин раванд, худшиносии миллӣ ҳамчун унсури марказии ҳувияти ҷамъиятӣ ва заминаи маънавии давлатдорӣ ба миён меояд.

Бо вуҷуди он ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, аз ҷумла, Консепсияи миллии тарбия масъалаи худшиносии миллӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимми тарбия зикр гардидааст, таҳлили амиқ нишон медиҳад, ки он бештар на ҳамчун низоми мустақили сиёсати давлатӣ, балки дар сатҳи қисмати таркибӣ баррасӣ шудааст. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки худшиносӣ бештар ҳамчун як арзиши умумӣ пазируфта мешавад, на ҳамчун раванд ва низоми мураккаби ташаккули шуури миллӣ.

Дар асл, худшиносии миллӣ падидаи фарогир аст, ки танҳо бо мафҳумҳои ахлоқӣ ё тарбиявӣ маҳдуд намешавад. Он дар худ унсурҳои таърихӣ, фарҳангӣ, забонӣ, сиёсӣ ва ҳатто геополитикиро муттаҳид намуда, ба ташаккули «ман»-и ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Миллате, ки худшиносии мукаммал надорад, наметавонад мавқеи устувори худро дар фазои ҷаҳонӣ муайян намояд, зеро худшиносӣ на танҳо огоҳӣ аз гузашта,

→

«Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» муаррифӣ гардид.

балки дарки мақом ва рисолати таърихӣ дар замони муосир аст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки бо суръати бесобиқа арзишҳо, фарҳангҳо ва моделҳои зиндагиро омехта месозад, масъалаи ҳифз ва таҳкими худшиносии миллӣ ба яке аз чолишҳои асосӣ табдил ёфтааст. Имрӯз фазои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва манбаъҳои гуногуни фарҳангӣ ба шуури ҷавонон таъсири амиқ мерасонанд. Дар чунин вазъ, агар давлат сиёсати мушаххас ва илмӣ асосёфта дар самти ташаккули худшиносии миллӣ надошта бошад, эҳтимоли пайдо шудани буҳрони ҳувият, сустшавии иртиботи наслҳо ва коҳиши эҳсоси мансубият ба миллат афзоиш меёбад.

Аз ин рӯ, масъалаи худшиносии миллӣ бояд аз доираи як унсури тарбия берун оварда шуда, ба сатҳи афзалияти стратегии сиёсати давлатӣ бардошта шавад. Ин ҷо сухан дар бораи зарурати таҳияи як ҳуҷҷати алоҳида – Консепсияи худшиносии миллӣ меравад, ки тавонад ин падидаро ба таври низомманд, илмӣ ва амалӣ танзим намояд.

Таҳияи чунин консепсия, пеш аз ҳама, барои он муҳим аст, ки худшиносии миллӣ бояд аз сатҳи шиор ба сатҳи механизмҳои амалкунанда гузаронида шавад. Имрӯз дар амал мушоҳида мешавад, ки бисёре аз арзишҳои миллӣ бештар дар сатҳи сухан ва таблиғ боқӣ мемонанд. Консепсияи мустақил метавонад ин камбудиро бартараф намуда, ҳамоҳангии байнисоҳавиро таъмин созад.

Илова бар ин, чунин ҳуҷҷат метавонад пояҳои назариявии худшиносии миллиро равшан намояд. Масалан, масъалаҳои калидӣ, аз қабили нақши забони давлатӣ дар ташаккули шуур, аҳаммияти хотираи таърихӣ, таъсири адабиёт ва фарҳанг, нақши ВАО ва фазои рақамӣ дар сохтани тафсири миллӣ нақши волидон ва муассисаҳо дар таълиму тарбия бояд дар доираи як низоми ягона баррасӣ шаванд.

Ҳамзамон, Консепсияи худшиносии миллӣ метавонад модели мушаххаси шаҳрванди худогоҳро муайян намояд. Яъне, ҷавоб диҳад, ки шаҳрванди муосири Тоҷикистон бояд дорои кадом сифатҳо бошад, чӣ гуна таърихро дарк кунад, чӣ гуна ба арзишҳои миллӣ муносибат намояд, чӣ гуна дар фазои ҷаҳонӣ мавқеи худро муайян созад ва чӣ гуна манфиатҳои миллӣ ва умумибашариро ҳамоҳанг намояд.

Бояд таъкид кард, ки худшиносии миллӣ набояд ба маънои маҳдуд ё таассубӣ фаҳмида шавад. Баръакс, он бояд дар заминаи арзишҳои башардӯстона, таҳаммулгарӣ ва эҳтиром ба фарҳангҳои дигар ташаккул ёбад. Миллате, ки худшиносии солим дорад, на танҳо худро мешиносад, балки дигаронро низ эҳтиром мекунад ва дар муколамаи тамаддунҳо фаъолона иштирок менамояд. Аз ин рӯ, консепсияи пешниҳодшаванда бояд тавозуни нозук миёни миллият ва башариятро нигоҳ дорад.

Дар ин росто пешниҳод менамоем, ки бо дарназардошти аҳаммияти стратегии масъала, аз ҷониби ниҳодҳои дахлдори давлатӣ, пеш аз ҳама, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, адлия, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, Академияи миллии илмҳо ва дигар академияҳои соҳавӣ, марказҳои тадқиқоти стратегӣ ва исломшиносӣ бо ҷалби васеи олимон, муҳаққиқон ва зиёиёни кишвар Консепсияи худшиносии миллӣ таҳия ва дастраси тамоми муассисаҳои таълимӣ, ташкилоту идораҳо ва дар маҷмуъ, аҳолӣ карда шавад. Танҳо дар заминаи таҳқиқоти илмӣ ва ҳамкории зеҳнии неруҳои фикрӣ, метавон ҳуҷҷате таҳия кард, ки на танҳо ҷавобгӯи ниёзҳои имрӯз, балки он зери шиори «Тоҷикистон, ба пеш!» роҳнамои рушди маънавии ҷомеа дар оянда бошад.

Хулоса

Ҳамин тавр, таҳлили иҷтимоӣ ва фалсафии масъала нишон медиҳад, ки ҷомеа барои рушди устувор ба идеяҳои муттаҳидкунанда ва рамзҳои умумимиллӣ ниёз дорад. Таҷрибаи таърихӣ собит менамояд, ки чунин идеяҳо метавонанд неруи созандаи мардумро муттаҳид намуда, онро ба самти муайяни рушди иҷтимоӣ равона созанд.

Дар шароити муосири Тоҷикистон, шиори «Тоҷикистон, ба пеш!» метавонад ҳамчун як рамзи муҳимми идеологӣ ва маънавӣ хидмат намояд. Ин ибора на танҳо даъвати сиёсӣ, балки ифодаи фалсафаи ҳаракат, пешрафт ва созандагии ҷомеа мебошад.

Табдил додани ин шиор ба як арзиши умумимиллӣ метавонад ба таҳкими худшиносии миллӣ, тарбияи насли ҷавон дар руҳияи ватандӯстӣ ва фаъол гардидани неруи созандаи ҷомеа мусоидат намояд. Маҳз дар ҳамин ҳолат ин ибора метавонад ба як рамзи воқеии рушди миллӣ табдил ёбад ва ҷомеаи тоҷикро ба сӯйи ояндаи боз ҳам равшантар ҳидоят намояд.

Эҳсон САФАРЗОДА,
номзади илмҳои филологӣ

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»

Неруи асосии пешбари ҷомеа

Истиқлоли давлатӣ барои ҳар миллат имконияти бузургест, ки роҳи рушди худро мустақилона муайян менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати истиқлол марҳалаи нав дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, маориф оғоз ёфт. Дар шароити душвори солҳои аввал, бахусус, давраи ҷанги шаҳрвандӣ соҳаи маориф ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуд, аммо бо гузашти вақт мушкилиҳо бартараф шуданд ва соҳа тадриҷан пешрав гардид.



Ислоҳоти маориф баъди ба даст омадани сулҳу субот оғоз гардид. Барномаҳои давлатӣ қабул шуданд, ки мақсади асосиашон баланд бардоштани сифати таълим ва донишандӯзӣ буд.

Дар самтҳои асосии ислоҳот, яъне, гузаштан ба низоми нави таҳсил, таъмини мактабҳо бо китобҳои дарсӣ, омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ ва ҷорӣ намудани технологияи замони муосир пешравиҳо ба вуқуъ пайвастанд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба такмилу рушди муназзами соҳа мусоидат кард.

Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба рушди илм ва фаъолияти илмӣ таваҷҷуҳи хосса доранд ва илмро ҳамчун омили муҳимми рушди ҷомеа медонанд. Маҳз бо дастгирии бевоситаи Сарвари давлат, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмӣ фаъолияти худро густариш доданд. Имрӯз дар кишвар зиёда аз 100 муассисаи илмӣ фаъолият мекунад.

Бо дастгирии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани омӯзиши ҷавонон стипендияи Президентӣ ва квотаи Президентӣ таъсис дода шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои муосир рақамикунонии соҳаи маорифро зарур шуморида, бо ин мақсад, тадбирҳои зиёдеро амалӣ кард.

Таъмини мактабҳо бо компютер, пайвастшавӣ ба интернет, истифодаи тахтаҳои электронӣ ва таълими фосилавӣ омилҳое гаштанд, ки ба боз ҳам боло рафтани сатҳи таълиму тарбия мусоидат карданд.

Дар маҷмуъ, соҳаҳои маориф ва илм дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Имрӯз кишвар дорои низоми муосири таълим ва заминаи устувори илмӣ мебошад.

Пешвои миллат пайваста таъкид менамоянд: «Маориф соҳаи калидӣ ва омили асосии рушди устувори давлат ва ҷомеа мебошад».

Дар замони истиқлол маҳз бо ташаббуси Сарвари давлат ҳамасола садҳо мактаби нав дар шаҳру деҳот сохта шуда, ҳамчунин, ҳазорҳо синфхонаи созгор ба талаботи замони муосир бунёд гардида истодаанд.

Бояд гуфт, ки насли нав ояндаи миллат мебошад. Дар даврони истиқлол таҳсили ҷавонону наврасон афзоиш ёфт. Шумораи хонандагон аз 1,3 млн ба 2 млн ва шумораи донишҷӯён аз 70 ҳазор нафар ба 250 ҳазор нафар расид. Дар кишварамон донишгоҳҳои байналмилалӣ ва филиалҳои донишгоҳҳои хориҷӣ кушода шуданд.

Бо дастгирию пешниҳоди Сарвари давлатамон озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Шоҳномахонӣ» баргузор мегарданд.

Рушди минбаъдаи соҳаи маориф аз омодасозии кадрҳои баландихтисос, истифодаи технологияҳои нав ва аз дастгирии давлат вобастагии калон дорад. Маориф ва илм омили асосии пешрафти ҷомеа буда, ояндаи кишварро муайян месозанд.

Бо дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таъмин намудани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ ва бозбинии низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, дар муассисаҳои таълимии мамлакат низоми маблағгузорӣ сарикасӣ ба роҳ монда шуд.

Тибқи маълумотҳо, дар 25 соли оянда шумораи хонандагон дар ҷумҳуриамон ба 4 миллион нафар мерасад. Бинобар ин, бо дастуру супориши Сарвари давлат дар ҷумҳурӣ барои ҳар чи бештар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ, бунёди муассисаҳои нави таълимӣ мутобиқи стандартҳои ҷаҳонӣ ва омодагӣ ба гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таълим тадбирҳои ҷиддӣ андешида мешаванд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки бо ибтикори Роҳбари давлат солҳои 2020-2040 дар ҷумҳуриамон «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон шудааст. Дар ин замина, мактабҳо бо озмоишгоҳҳои физика, химия ва биология бештар муҷаҳҳаз гардонида мешаванд. Дастовардҳои хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳои байналмилалӣ шоистаи таҳсин аст.

Бояд гуфт, ки рушди фанҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ на танҳо барои соҳаи маориф, балки барои ояндаи давлат аҳаммияти ҳаётӣ дорад. Зеро маҳз ҷавонони донишманд ва ихтироъкор метавонанд кишвари моро ба пешрафтҳои нав ноил гардонанд. Ин заминаи созгорест ба рушди тафаккури илмӣ ва омодасозии мутахассисони баландихтисос дар кишварамон.

Баъд аз ба даст овардани истиқлол низоми таҳсилот ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шуд. Қабули қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ барои рушди маориф заминаи устувор гузошт.

Яке аз дастовардҳои муҳим дар аҳди истиқлол такмили заминаи ҳуқуқӣ ва ислоҳоти фарогир мебошад. Қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, стратегияҳои рушди маориф, имконият доданд, ки низоми таълим ба талаботи замони муосир мутобиқ карда шавад. Гузариш ба низоми таҳсилоти бисёрзинагӣ (бакалавр, магистр, доктор) сатҳи таҳсилоти олиро ба стандартҳои байналмилалӣ наздик кард.

Рушд дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва илм хеле чашмрас аст. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ афзоиш ёфта, ихтисосҳои нав мутобиқ ба бозори меҳнат таъсис дода шуданд. Ҳамкориҳои байналмилалӣ густариш ёфта, донишҷӯён ва олимон имкони иштирок дар барномаҳои мубодила ва таҳсил дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳонро пайдо карданд.

Ҳамзамон, дастгирии илм ва фаъолияти тадқиқотӣ тақвият ёфт. Марказҳои илмӣ фаъолтар шуда, корҳои таҳқиқотӣ дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, тиб ва технология рушд карданд. Ҷалби ҷавонон ба илм ва ихтироъкорӣ низ яке аз самтҳои муҳим гардид.

Яке аз тамоюлҳои нави рушд рақамикунонии соҳаи маориф мебошад. Таълими фосилавӣ, китобхонаҳои электронӣ ва платформаҳои онлайнӣ тадриҷан мавқеи густарда пайдо мекунанд, ки ин барои мутобиқ шудан ба ҷаҳони рақамӣ аҳаммияти калон дорад.

Маориф ва илм дар даврони истиқлол на танҳо рушд карданд, балки ба неруи асосии пешбарандаи ҷомеа табдил ёфтанд.

Фарҳод МАДАМИНОВ,
рӯзноманигор


Дар ноҳияи Рӯдакӣ таҳти унвони «Тоҷикона мепӯшем!» ҳамоиши занону духтарон баргузор шуд.

Рӯдаи танг ба як нони тиҳӣ пур гардад,
Неъмати рӯи замин пур накунад дидаи танг.
Саъдии Шерозӣ

АФКОР

Роҳи ташаккули идоракунии ҷомеа

Омӯзишу азхудкунии донишҳои сиёсӣ метавонад дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва зиракии сиёсии инсон, бахусус, дар таҳкими маърифат ва худогоҳии миллӣ нақши муҳим бозад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба омӯзиши асосҳои донишҳои сиёсӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.



Дар таърихи илми сиёсатшиносӣ (политология) олимону мутафаккирони Юнони Қадим нақши бузург гузоштаанд. Аксари мафҳуму истилоҳоте, ки имрӯз дар илми сиёсат истифода мешаванд, маҳз аз забони юнонӣ сарчашма гирифта, баъдан ба забонҳои дигар тарҷума гардидаанд. Барои дарки амиқи мафҳуми политика, чанд истилоҳро шарҳ медиҳем:

1. Поли – (аз забони юнонӣ) ба маънои бисёр, аксарият;

2. Полис – шаҳр-давлат (шакли классикии ташкили ҷомеа дар Юнони Қадим);

3. Поли-тикос – манфиати бисёриҳо, манфиати ҷомеа;

4. Политсия – (аз забони юнонӣ) мақоми маъмурӣ барои ҳифзи тартибот ва амнияти ҷамъият;

5. Поли-графия – (аз юнонӣ) чоп, матбаа, паҳнсозии санадҳо;

6. Поли-клиника – муассисаи табобатӣ барои хизматрасонӣ ба омма;

7. Политика – илм ва санъати идоракунии ҷомеа ва шаҳр-давлат.

Аз ин мафҳумҳо чӣ хулоса гирифтан мумкин аст?

Поли, яъне, бисёриҳо дар полис (шаҳр-давлат) зиндагӣ мекунанд. Аҳли ҷомеа, дар маҷмуъ, соҳиби политикос, яъне, манфиатҳои умумӣ мебошанд. Дар раванди зиндагии иҷтимоӣ, бинобар барҳӯрди манфиатҳо, миёни шаҳрвандон нофаҳмӣ, низоъ, баҳс, фишор ва ҳатто таҳдидҳо ба вуҷуд меоянд.

Дар чунин ҳолат шаҳрвандон маҷбур мешаванд ба политсия – ниҳоди ҳифзи тартибот ва амният мурочиат намоянд. Агар фишорҳои иҷтимоию равонӣ ва бемориҳо шиддат гиранд, бархе шаҳрвандон маҷбуранд, ки ба поликлиника мурочиат кунанд, то саломатии ҷисмонию равонии худро барқарор намоянд.

Вақте шумораи мурочиатҳо зиёд мегардад ва имкониятҳои политсия маҳдуд мешаванд, ҷомеа ба зарурати политика мерасад, яъне, ба илм, санъат ва маҳорати махсуси идоракунии оқилона, одилона ва мутавозини ҷомеа.

Маҳз ҳамин омил сабаби пайдоиши илми сиёсат дар Юнони Қадим гардид. Дар замони Афлотун ва Арасту политика ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул ёфт.

Дар ҷомеа барои танзими сиёсатҳо (манфиатҳо) санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия мешаванд.

Вақте адолат ва манфиати умумӣ таъмин, танзим, тавозун мегардад, сатҳи низоъҳо поин меравад, мурочиат ба политсия кам мешавад, фишорҳои иҷтимоӣ коҳиш меёбанд, шаҳрвандон камтар ба поликлиника ниёз пайдо мекунанд.

Дар натиҷа мулк обод мегардад, мардум орому осуда зиндагӣ мекунанд, сатҳи саломатӣ ва дарозумрии аҳолӣ боло меравад.

Оё ҳақ нест, ки барои чунин сиёсати мардумсолор ва ҳимоятгар офарину аҳсан бигӯем?

Самараи равшани чунин сиёсати оқилона имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад. Бо роҳбарии Пешвои миллат сол ба сол шумораи мурочиатҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ коҳиш ёфта, суботи иҷтимоӣ тақвият меёбад.

Бо татбиқи падидаҳои нав, аз қабили:

- ҳукумати электронӣ;
- сиёсати рақамӣ;
- хизматрасониҳои мобилӣ ҳаҷми мурочиатҳои коғазӣ кам гардида, харочоти полиграфия коҳиш меёбад ва идоранамоӣ самараноктар мешавад.

Хулоса ва пешниҳод

Бо дарназардошти таҷрибаи бойи давлатдории миллӣ ва мактаби сиёсие, ки бо ташаббусҳои ҷаҳонӣ машҳур гаштааст, иҷрои корҳои зерин муҳим мебошад.

1. Ташкили Шурои коршиносон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи Консепсияи «Тоҷикистон, ба пеш!»

2. Таҳияи Консепсияи «Тоҷикистон, ба пеш!» барои давраи то (15 сол) соли 2041 – ҷашни 50-солагии Истиқлоли давлатӣ.

3. Омода намудани дурнамо (стратегия) бо ҷалби доираи васеи олимон ва коршиносон.

4. Таҳияи барномаҳои панҷсолаи татбиқ, ки ҳар кадом на кам аз 50 лоиҳаро дар бар гирад (дар маҷмуъ, 150 лоиҳа барои 15 сол) метавонад, соҳаҳо ва самтҳои муҳимми мушкилоти ҷомеаро бартараф созад.

Олимону мутахассисони Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар таҳияи ин санадҳои муҳимми стратегӣ саҳми арзанда гузоранд.

Фазлиддин МУЗАФФАРЗОДА,
Маҳмадулло НАИМОВ,
омӯзгорони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶАВОНОН ВА ЗАМОН

Масъалаи худшиносиву худогоҳии миллӣ беш аз ҳар вақти дигар ба сатҳи тарбияи сиёсии ҷавонон вобаста аст. Аз ин ҷост, ки эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» моро водор месозад, то ба масъалаи тарбияи сиёсии ҷавонон муносибати ҷиддӣ зоҳир намоем.

Тарбияи сиёсиву худшиносии миллии ҷавонон

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки муваффақият дар тарбияи сиёсии ҷавонон, пеш аз ҳама, ба пайвастагии таълим, амал ва масъулият вобаста аст. Дар ҷомеаи мо як қатор омилҳо вуҷуд доранд, ки ба ташаккули тарбияи сиёсии ҷавонон ва худшиносиву худогоҳии онҳо монеа эҷод мекунанд. Иддае аз ҷавонон аксаран маълумотро аз манбаъҳои боэътимод намегиранд. Дар чунин ҳолат ғояҳои таҳрифшуда, овозаҳо ва андешаҳои ифротӣ метавонанд ба шуури онҳо таъсир расонанд. Вақте ҷавонон танҳо шунаванда ҳастанд, тарбияи сиёсӣ самараи дилхоҳ намедиҳад. Худшиносиву худогоҳии миллӣ маҳз дар он ҳолат ташаккул меёбад, ки ҷавонон бифаҳманд, ки ояндаи давлат ва ҷомеа аз онҳо вобаста мебошад.

Имрӯз иддае аз ҷавонон иттилооти сиёсиву иҷтимоиро на аз китоб, балки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дастрас менамоянд. Тарбияи сиёсӣ замоне самара медиҳад, ки ҷавонон натиҷаи амалашонро бинанд. Масалан, ташаббусҳои ҷавонон дар ҳалли мушкилоти маҳаллӣ аз пешниҳоди ғоя то иҷрои он метавонад ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва худогоҳии миллиро тақвият бахшад.

Яке аз муҳимтарин унсурҳои тарбияи сиёсӣ омӯзонидани ҷавонон ба фарқ кардани иттилооти дуруст аз нодуруст аст. Дар шароити имрӯза, ки фазои иттилоотӣ пур аз андешаҳои гуногун аст, худогоҳии миллӣ танҳо дар заминаи тафаккури интиқодӣ устувор мешавад.

Дар зимн, бояд тафаккури созандагиву бунёдкорӣ, яъне, андешаи масъулият, эҷодкорӣ ва фаҳмиши манфиати миллӣ дар шуури ҷавонон ҷойгир карда шавад. Инро метавон тавассути тарбияи сиёсӣ ва шаҳрвандӣ амалӣ намуд. Дар мактабҳо, марказҳои ҷавонон ва платформаҳо барои ҷавонон лексияҳо, семинарҳо ва барномаҳои гуногуни омӯзишӣ ташкил карда, дар онҳо моҳияти созандагиву ободкорӣ дар рушди ҷомеаву давлат тавзеҳ бахшида шавад.

Дар натиҷа, пеш аз оғози лоиҳаҳои созандагӣ, ҷавонон муҳокима мекунанд, ки чаро лоиҳаи мазкур муҳим аст ва чӣ гуна ба рушди ҷомеа ва манфиати миллӣ хидмат мекунад.

Хулоса, бо дарназардошти воқеияти имрӯз, тарбияи сиёсии ҷавонон ба сифати масъалаи муҳим шинохта мешавад. Ҷавонони муосир дар фазои рақамӣ зиндагӣ мекунанд, онҳо қобилияти хуби қабули маълумотро доранд. Дар чунин шароит, тарбияи сиёсии ҷавонон бояд ба фаъолияти ҳамарӯзаамон қарор дода шавад.

Мирзокомил КОМИЛОВ,
омӯзгори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

РИСОЛАТ

Масъулияти бештар дар таълиму тарбия

Муаллим шахси барӯмандест, ки аз хурдӣ инсонро илму адаб омӯхта, ӯро ба воя мерасонад. Устод, омӯзгор, муаллимро метавон ба равшангари шоми шогирдон ташбеҳ дод. Чунки чашмони шогирдонро равшанӣ мебахшад, оламро мунаввар ва мушкили ҳамаро осон мегардонад. Сарчашмаи хушиҳо, ободии ҳамаи маҳфилҳо, тарбияи шогирдони баркамол маҳз ба омӯзгор бастагӣ дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба нақши омӯзгор чунин таъкид намудаанд: «Муаллим шахсест, ки мисли шамъ барои дигарон месӯзад ва ба шогирдон роҳи дурусти зиндагиро нишон медиҳад». Давлату Ҳукумат маорифро омили каллидии амнияти миллӣ ва устувории давлат арзёбӣ намуда, баҳри баланд бардоштани мақоми омӯзгорон пайваста тадбирҳои судманд андешида мешавад.

Муаллим шогирдонро ба роҳи рост ва омӯзиши илмҳои муосир ҳидоят мекунад.

Омӯзгорӣ пешаи ниҳоят пуршараф буда, омӯзгор касест, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи навоварист. Муаллим барои тарбияву ба камол расидани шогирдаш пайваста кӯшиш мекунад. Зеро шогирди хубу донишманд ифтихори ӯ мегардад.

Президенти мамлакат борҳо иброз доштаанд, ки ояндаи давлат аз сатҳи дониш, тарбия ва ҷаҳонбинии насли наврас вобаста аст. Дар ин раванд, нақши омӯзгор басо муҳим буда, ӯ на танҳо омӯзонанда, балки тарбиятгар ва роҳнамои маънавии ҷомеа мебошад.

Дар ин замина, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул гардид, ки он ба таҳкими фаъолияти омӯзгорон мусоидат менамояд.

Аз тарафи Давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба вазъи иҷтимоии омӯзгорон ташаббусҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ амалӣ гардида истодаанд. Болоравии музди меҳнат, бунёду таъмири муассисаҳои таълимӣ, таъмини онҳо бо технологияҳои муосир ва китобҳои дарсӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Аз ин рӯ, мо – омӯзгорон вазифадорем, ки ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим бояд саъйю талоши бештар намоем.

Мастона ҲАИТОВА,
Фархунда БАДАЛОВА,
омӯзгорони МТМУ №20-и ноҳияи Айнӣ

ИҚДОМ

Курсҳои омӯзишӣ самар оварданд

Дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ташкил ва баргузории семинару вохӯрӣ, мизи мудаввар, озмунҳои гуногунмавзуъ, курсҳои кӯтоҳмуддат вобаста ба омӯзиши касбу ҳунарҳои миллӣ ва монанди инҳо ба ҳукми анъана даромадааст. Аз ҷумла, дар назди консерватория аз 5-уми сентябри соли 2025 курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши созҳои мусиқӣ ва сарояндагӣ ташкил шудааст.

Дар ин замина, аз 1-уми ноябри соли гузашта бист нафар хоҳишманди санъати мусиқии касбӣ ба таълим фаро гирифта шуд. Хатмкардагони курси мазкур таҳти роҳбарии устодони ботаҷрибаи Консерваторияи миллии Тоҷикистон нозукиҳои касбро омӯхтанд.

Ҳафтаи гузашта нахустин консерти хатмкардагони курсҳои омӯзишӣ, ки ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда буд, баргузор гардид. Гурӯҳи бистнафараи курсҳои омӯзишӣ ҳунару маҳорати худро дар сурудхонӣ ва навохтани асбобҳои мусиқии тоҷикию аврупоӣ нишон дода, соҳиби сертификат гардиданд.

Ҳотам ҲОМИДЗОДА, «Омӯзгор»

25 майи соли равон дар шаҳри Душанбе фестивали об баргузор мешавад.

НИЗОМИ ҒАЙРИНАҚДӢ

«Барномаи биллингӣ» – омили муҳимми таъмини шаффофият дар ҷамъоварии маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ

Тартиби пардохти ғайринақдӣ яке аз талаботи замон маҳсуб меёбад. Дар ин замина, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми кишвар чиҳати пардохти маблаги иҷораи китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ «Барномаи биллингӣ» амал менамояд. Барнома аз соли 2024 дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор ва ноҳияи Шаҳринав мавриди истифода қарор дорад ва соли таҳсили 2026-2027 дар тамоми мактабҳои кишвар ҷорӣ хоҳад шуд. Вобаста ба тарзи корбарӣ ва истифодаи барномаи мазкур бо Тоҷиддин Уроқзода - мудири шуъбаи нигаҳдорӣ ва таъминоти адабиёти таълимии Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбат оростем, ки фишурдаи онро пешниҳоди хонандагон мегардонем.

– Дар оғоз мехостем дар хусуси зарурати низоми биллингӣ дар соҳаи маориф чанд сухан мегуфтед.

– Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» (аз 22 июни соли 2023, №586), Вазорати маориф ва илми кишвар уҳдадор гардид, ки низоми пардохтҳоро ғайринақдӣ ба роҳ монад.

Соли 2024 «Барномаи биллингӣ» барои пардохти ғайринақдии маблағи китобҳои дарсӣ таҳия ва татбиқ гардид. Низоми нав барои ба тартиб даровардани гардиши китобҳо, назорати маблағ, таъмини шаффофият, ҳамзамон, аз байн бурдани амалҳои коррупсионӣ мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, то амалӣ гардидани барномаи мазкур баъзе китобдорони китобхонаҳо ҳисоботи дақиқи шумораи китобҳои дарсиро дуруст ба роҳ намемонданд.

Инчунин, шуъбаҳои маориф аз ҳисоби маблағи китобҳои дарсӣ қарздор мешуданд, зеро маблағҳои ҷамъовардашуда дуруст ҳисоб ё пурра пардохт намешуданд.

Дар низоми нав ин масъала бо механизми махсус, яъне, маблағҳои солҳои 4 ва 5 (гардиши дохилии китобҳо) метавонанд барои пӯшонидани қарзҳои пешина истифода шаванд.

Дар барномаи мазкур ҳар як пардохт сабт мешавад. Пештар агар китоб 5 сомонию 36 дирам арзиш дошта бошад, мумкин буд, 6 сомонӣ талаб кунанд. Ҳоло ин имкон надорад, система танҳо маблағи дақиқро қабул мекунад.

Барнома аз чанд бахши асосӣ – дархости китобҳо, анбор (дар сатҳи вазорат), китобхона, пардохтҳо, маълумотномаҳо, муассисаҳо иборат аст.

Кор дар 4 қадами асосӣ – ворид кардани китобҳо (ном, нарх, сол), ворид кардани маълумоти хонандагон, муайян кардани фоизи иҷора (34%, 33%, 33%), сабти пардохт ва додани ID ба ҳар хонанда анҷом дода мешавад

– Дар барнома кадом маълумот ворид карда мешавад ва масъулияти он ба зиммаи кист?

– Барои истифодаи барномаи мазкур, пеш аз ҳама, маълумоти марбут ба китоб – номи китоб, номи муаллиф, фан, соли нашр, соли воридшавӣ ба китобхона, нархи китоб ва теъдод, ҳамзамон, маълумоти марбут ба хонанда – ному насаб, синф ё гурӯҳ, суроға, рақами тамос (дар ҳолати зарурӣ), инчунин, дар бораи гирифтан ва баргардонидани китобҳо ворид карда мешаванд.

Масъулияти асосии ворид намудан ва дуруст нигоҳ доштани маълумот ба зиммаи китобдор гузошта мешавад, зеро маҳз ӯ бевосита бо фонд ва хонандагон кор мебарад. Китобдор бояд ба таври муназзам маълумотро навсозӣ намояд, саҳеҳии онро таъмин кунад ва аз кори дурусти барнома огоҳ бошад.

Дар баробари ин, назорати умумии фаъолияти барнома ва дуруст истифода бурдани он ба зиммаи роҳбарияти муассиса, махсусан, директор вогузор мешавад. Директор бояд пайваста фаъолияти китобхонаро назорат намуда, барои беҳтар шудани сифати хизматрасонӣ ва истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

Дар ин самт, барои омодасозии кадрҳо семинарҳои омӯзишӣ дар тамоми минтақаҳо гузаронида мешавад. Ба ҳар як китобдор логин ва рамз дода шудааст. Дар аввал мушкилӣ ба мушоҳида мерасид, вале тадриҷан кормандон ба барнома мутобиқ шуда истодаанд.

– Пайваст шудани барнома ба «Амонат-мобайл» чӣ имкониятҳоро фароҳам меорад?

– Пайваст шудани барнома ба «Амонат-мобайл» яке аз қадамҳои муҳимми рақамикунонии хизматрасонии китобхона ба ҳисоб меравад. Ин ҳамгироӣ равандҳои пардохтро содаву шаффоф мегардонад. Пештар волидайн ё хонандагон маҷбур буданд, ки шахсан ба китобхона ҳозир шуда, маблағи иҷораи китобҳоро пардохт намоянд. Ҳоло бошад, бо истифода аз барномаи «Амонат-мобайл» метавонанд дар вақти мувофиқ маблағро пардохт кунанд.

Ҳар як навоварии рақамӣ, дар баробари имконият, ҳамзамон, мушкилот ва маҳдудиятҳои худро дорад. Дар минтақаҳои дурдаст мушкили дастрасӣ ба интернет ва барқ дар фасли сармо вуҷуд дорад, ки метавонад истифодаи пурраи низомро то андозае маҳдуд созад. Бо вуҷуди ин, роҳҳои ҳал вуҷуд доранд. Масалан, дар як маҳал нафаре, ки дастрасӣ ба интернет ва барномаро дорад, метавонад ба дигарон кумак расонад ва барои чанд оила ё хонанда пардохтро анҷом диҳад.

– Низоми ғайринақдӣ то кадом андоза шаффофияти пардохти маблағи иҷораи китобҳои дарсиро таъмин менамояд?

– Пеш аз ҳама, дар доираи ин низом гирифтани пули нақд аз хонандагон пурра манъ карда мешавад. Ҳар як шуъбаи маориф ва муассисаи таълимӣ суратҳисоби алоҳидаи бонкӣ мекушоянд ва маблағҳо мустақиман ба суратҳисобҳо ворид мешаванд.

Илова бар ин, амалиёт дар система ба таври автоматӣ сабт мегарданд. Ҳар пардохт рақами мушаххаси худро дошта, муайян аст, ки кӣ, кай ва чӣ қадар маблағ пардохт кардааст. Дар чунин шароит пинҳон кардан, тағйир додан ё истифодаи маблағ ба манфиати шахсӣ ғайриимкон мегардад.


– Оё низоми биллингӣ имкон медиҳад, ки қарзҳои солҳои гузашта низ ба таври дақиқ ҳисоб ва танзим карда шаванд?

– Низоми биллингӣ, гарчанде ки мустақиман барои сабти қарзҳои солҳои гузашта пешбинӣ нашудааст, аммо барои танзим ва пӯшонидани онҳо роҳи мантиқӣ ва амалиро пешниҳод мекунад. Сабаб дар он аст, ки чунин қарзҳо то ҷорӣ шудани барнома ба вуҷуд омадаанд ва дар система сабти ибтидоӣ надоранд. Аз ин рӯ, онҳо ба таври автоматӣ дар базаи маълумот ҷойгир намешаванд.

Тибқи тартиби амалкунанда, маблағҳое, ки аз гардиши китобҳои солҳои 4 ва 5 (яъне, китобҳое, ки аллакай чанд сол дар истифода ҳастанд) ҷамъоварӣ мешаванд, метавонанд ба таври мақсаднок барои пӯшонидани қарзҳои пешина равона карда шаванд.

– Барои хонандагони ятим, дорои имконияташон маҳдуд ва оилаҳои камбизоат, ки китобҳоро ройгон мегиранд, дар система имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд?

– Бале, ин масъала дар низом дақиқ ба назар гирифта шудааст. Тибқи тартиби муқарраргардида, ба гурӯҳҳои муайяни хонандагон, аз ҷумла, ятимони кул, нимятимон, оилаҳои камбизоат, ки ҳуҷҷати тасдиқкунанда доранд ва фарзандони оилаҳои дорои имконияти маҳдуд имтиёз дода шудааст. Агар китоб ба солҳои 4 ва 5 тааллуқ дошта бошад, он аз ҳисоби маблағҳои дохилии муассиса пӯшонида мешавад. Агар ба солҳои 1-3 рост ояд, он ҳамчун қарз сабт мешавад ва баъдан аз ҳисоби гардиши умумӣ (китобҳои солҳои 4 ва 5) пардохт мегардад.



– Нақши китобдор дар низоми биллингӣ чӣ гуна зоҳир мегардад ва то кадом андоза ҷомеа, бахусус, волидайн ба истифодаи чунин технологияҳо омода аст?

– Дар шароити ҷорӣ шудани низоми биллингӣ, нақши китобдор ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта, аз вазифаи анъанавӣ ба масъулияти бисёрҷанба табдил меёбад. Агар пештар китобдор ҳамчун нигаҳдорандаи фонд ва шахсе, ки китобҳоро медиҳад ва қабул мекунад, шинохта мешуд, имрӯз ӯ ба масъули низоми иттилоотӣ табдил ёфтааст, ки бо маълумот, ҳисоб, назорат ва равандҳои рақамӣ кор мекунад.

Дар баробари зиёд шудани масъулият ҳавасмандгардонӣ низ пешбинӣ шудааст, зеро аз маблағҳои гардишӣ қисми муайян ҳамчун ҳаққи китобдор ҷудо мегардад.

Табиист, ки ҳар навоварӣ дар аввал бо душворӣ рӯ ба рӯ мешавад, аммо таҷриба нишон медиҳад, ки волидайн нисбатан зуд ба ин низом мутобиқ шуданд. Айни замон дар муассисаҳои чанд шаҳру навоҳие, ки «Барномаи биллингӣ» амал мекунад, бисёре аз волидайн аз шаффофият ва осонии пардохт қаноатманданд. Бояд қайд кард, ки дар муассисаҳои таълимӣ ҷаласаҳои умумимактабӣ бо иштироки падару модарон баргузор мешаванд. Дар ин ҷаласаҳо тартиби истифодаи барнома, муҳлати пардохт, масъулияти волидайн, тарзи корбарӣ ва пардохти ғайринақдӣ шарҳ дода мешавад.

– Оё низоми биллингӣ имкони назорати мустақим ва мониторинги фаврии пардохтҳоро барои Вазорати маориф ва илми кишвар фароҳам меорад?

– Бале, маҳз ҳамин имконият яке аз функсияҳои асосии низоми биллингӣ ба ҳисоб меравад. Система ба мақомоти марказӣ, аз ҷумла, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки вазъро дақиқ таҳлил намояд. Яъне, дар кадом ноҳия ё муассиса аз чӣ қадар иҷро гардидани пардохти маблағҳои китобҳои дарсӣ бохабар мешаванд.

Дар баробари ин, чунин мониторинг ба таҳлил ва банақшагирӣ мусоидат мекунад.

– Барои суҳбати самимӣ ташаккур.

– Саломат бошед.

Суҳбаторо
Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

СОЗАНДАГӢ

Сохтмони бинои нави иловагӣ дар Тораканд

Дар деҳаи Тораканди Ҷамоати деҳоти Навбаҳори ноҳияи Мастчоҳ бунёди бинои нави иловагии таълимӣ огоз ёфт. Бинои нави таълимӣ барои 120 хонанда пешбинӣ шуда, дар ду баст имкони фарогирии то 240 хонандаро дорад.

Сохтмони иншоот бо дастгирии ташкилоти хайриявии «Бунён» ва бо ҷалби сокинони маҳаллӣ ба тариқи ҳашар ҷараён дорад.

Ташкилоти хайриявии «Бунён» солҳои охир дар бунёду навсозии муассисаҳои таълимӣ ва иншооти соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла, бунгоҳу хонаҳои саломатӣ дар деҳоти дурдасти ноҳияи Мастчоҳ саҳми назаррас мегузорад. Соли гузашта бо дастгирии ташкилоти мазкур дар маҳаллаи Сангчашмаи деҳоти Навбаҳор барои 100 ҷойи нишаст 4 синфхонаи иловагӣ сохта ба истифода дода шуд.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и деҳаи Тораканд аз ҷумлаи муассисаҳои таълимии куҳнаи ноҳия ба шумор меравад. Бинои он ҳанӯз соли 1956 бо усули ҳашар сохта шуда, айни ҳол дар шароити номусоид қарор дорад. Ҳоло дар муассиса беш аз 200 нафар хонанда дар ду баст таҳсил мекунанд.

Нуъмон РАҶАБЗОДА, «Омӯзгор»

Китоби нави номзади илмҳои техникӣ Номвар Қурбон «Арзёбии метеорологию экологии ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат дар соҳаи обу иқлим» ба нашр расид.

9 МАЙ – РӮЗИ ҒАЛАБА ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Инсоният тӯли мавҷудияти хеш ҳазорон ҷангу низоъ ва даргириҳоро аз сар гузаронидааст, ки боиси бадбахтӣ, мусибат, сарафкандагӣ, нодорӣ, бесуботӣ, беморӣ, ранҷурӣ ва фоҷеаи инсонӣ гардида, миллияту халқиятҳои ҷаҳонро ба ҳолати карахтию фақр мубтало кардаанд. Ин аст, ки инсони мутараққии ҷаҳон дар ҳар вазъу ҳоле ва ҳар давру замоне зидди ҷанг ва алайҳи низоъ ва даргириҳои бемаънӣ будаву ҳаст. Албатта, ҷангу набардҳое, ки хусусияти дифоӣ доранд, аз ин қоидаи умумӣ истисноанд.



Ҷангу даргирӣ ва мавқеияти дифоӣ

Асрҳои бист ва бисту як, ба лиҳози рушди инқилоби фаннию техникӣ ва навовариҳои иттилоотӣ аз кулли асрҳои дигар мутафовит аст. Бо тавачҷуҳ ба ин, сиёсатҳои мустабид ва тавсеаталабиҳои қудратҳои минтақавию ҷаҳонӣ низ бар мабнои пешрафтҳои фаннӣ-техникӣ ва илмӣ-иттилоотӣ афзоиш ёфта, тақсимоти ҷаҳон дар қолиб-формати барномарезиҳои геополитикӣ аз сар гирифта шуд. Табиист, ки тақсимоти сиёсӣ-иқтисодии ҷаҳон бидуни барномарезиҳои ҳарбӣ-низомӣ, ки охируламр ба ҷангу даргириҳо мунҷар мешаванд, иттифоқ намеафтад. Аз ин ҷост, ки сиёсатҳои худкомаву худхоҳ тайи таърихи инсонӣ мардумро ба гурӯҳҳо, мазоҳибу равияҳои мухталиф ҷудо намуда, тухми нобоварию нифоқро байни онҳо коштанд, дасисакорӣ ва найранги сиёсӣ то имрӯз мавриди корбурди сиёсатмадорони навин қарор гирифта истодааст. Мардум, ки аз моҳияти табиати ин ақаллиятҳои сиёсию динӣ огоҳ нест, ногузир ба доми фиреби идеологияи онҳо меафтад ва дар натиҷа, низоъҳои тӯлонӣ ва ҷангҳои хунин дар сатҳи ҷаҳонӣ сурат мегиранд, ки бевосита ё бавосита манфиатҳои гурӯҳҳо ё ба истилоҳ тоталитарҳоро бароварда месозанд.

Дар давоми садаи бистум қатлу куштор ва истибдоду муҷозоти одамӣ ба дараҷае афзуд, ки барои ифодаи онҳо вожаю истилоҳоти нав сохтанд. Истилоҳи «генотсид» (соли 1944 сохта шуд ва дар гардиши фикрию сиёсӣ қарор гирифт) ба маънои маҳвсозии насли одамӣ мавриди истифодаи фаровон қарор гирифт. Худхоҳию худкомагии ҳукуматдорони ҷаҳонӣ боиси аз байн рафтани ҳаёти мардумони зиёди сайёраи инсонӣ гардид. Ҷанги Якуми Ҷаҳон (солҳои 1914-1918) 26 миллион ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (солҳои 1939-1945) 53 миллиону 547 ҳазор куштаро ба бор оварда. Тибқи омори расмӣ, агар дар Ҷанги Якуми Ҷаҳон 50 дар сади аҳолии осоиштаи мамолики ба ҷанг даргир ҳалок шуда бошад, дар ҷараёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ин рақам ба 60 дар сад мерасад. Ба сухани дигар, дар ҷараёни ҷангҳои якуму дуюми ҷаҳонӣ аҳолии ғайринизомӣ низ сахт талаф ёфтааст. Акнун таваҷҷуҳ намоед, ки чӣ қадар мардуми бегуноҳ қурбони хоҳишу ҳавасҳои бемаънии ҷангҷӯёну фитнагарон гардидаанд ва ин раванд баъди ду ҷанги ҷаҳонӣ дар байни абарқудратон идома ёфта, то имрӯз домани аҳолии осоиштаи баъзе мамолики сайёраро сар надода истодааст.

Таърих муқовиматҳои шадиди мардуми моро ба муқобили истилогарони мустабид дар ҳамаи давру замонҳо хуб дар ёд дорад. Мардуми тоҷик, новобаста ба шароити сангини иҷтимоию сиёсӣ алайҳи истилогарони Мақдунӣ, арабӣ, туркию муғулӣ таҳти сарвории Спитамен, Муқаннаъ, Маҳмуди Торобӣ, Мавлонзода ва дигар фарзандони далеру шуҷоъ ва баору номус шадидан муқовимат карда, дар майдонҳои набард барои ҳифзи Меҳан ҷоннисорӣ намудааст. Мардум, Ватан ва миллат номи он мардони ҷасурро дар қалбаш абадан нигоҳ дошта, хотираи неки ононро абадан пос медорад.

Вақте ки Ватан дар хатар аст, мардони шуҷои миллат ҷон дар каф барои дифои он бармехезанд ва ҷангу пархош алайҳи золимону мустабидони хориҷӣ ба ғояи мутамаркази ҳаёти сиёсии онҳо табдил меёбад. Беҳуда нест, ки меҳри Ватанро бо меҳри Модар тавъам медонанд.

Асри бистум дар худ ду ҷанги бузурги ҷаҳониро ғунҷоиш дод, ки ба бадбахтии мардуми манотиқи мухталифи сайёраи мо боис гардид. Ҷанги Якуми Ҷаҳон, ки солҳои 1914-1918 байни гурӯҳи давлатҳои аврупоӣ сурат гирифт, фақру бенавоӣ ва ноамниро бесуботиро дар ҷаҳони онвақта мутаҳаммил сохта, роҳи саодату хушбахтии мардумро муддатҳои тӯлонӣ барбаст. Дар натиҷа, ҷомеаҳои ҷангзада ба дардҳои ногувори равонӣ, уқдаҳои ботинӣ ва фишору тазйиқҳои иҷтимоию сиёсӣ гирифтор шуда, дар ҳолати дилшикастагӣ, худбохтагӣ ва навмедию нобоварӣ умр ба сар бурданд.

Мусаллам аст, ки ҷангҳои ҷаҳонии дар асри бистум бавуқуъ пайваста дастовардҳои моддию маънавии башарро зери хатар қарор дода, вазъияти амниятии манотиқи гуногуни ҷаҳонро хавфнок сохта, фақру бенавоӣ ва қатлу ғорат ҷомеаи ҷаҳониро таҳдид кард.

Ҳамин гуна беморию ранҷурӣ ва фақру бенавоиро садҳо карат зиёдтар Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ (солҳои 1939-1945) ба мардуми сайёра «эҳдо» намуд. Муҳимтар аз ҳама, бар асари ин ҷанги мудҳиш ҷони миллионҳо нафар одамони сайёра ба коми нестию нобудӣ афтида, миллионҳо кӯдакони оилаю хонаводаҳо заҳри ятимию бекасиро маҷбуран ва ғайриихтиёр чашидаанд. Аз ин дида мусибате сахттар барои насли инсонӣ нест.

Аз батни Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) тавлид ёфт, ки барои манотиқи дар ин ҷанг шомилбуда асароти сахт гузошт. Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки бо ҳуҷуми аҳдшиканонаи Олмони гитлерӣ бар хоки Иттиҳоди Шуравӣ оғоз ёфт, ҳудуди панҷ сол амну суботи ҷомеаи онвақтаи Иттиҳоди Шуравии нав аз кашмакашҳои дохиливу хориҷӣ халосёфтаро, ки Тоҷикистони азизи мо як ҷузъи он маҳсуб мешуд, халалдор сохт.

Пирӯзӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бар фашизми олмонӣ салтанати истилогунаро қариб дар тамоми ҷаҳон барканда, роҳи тараққиёти минбаъдаи бисёр мамолики таҳти тасарруфи мустабидони берунӣ қарордоштаро муайян кард. Ғалабаи Иттиҳоди Шуравӣ бар олмони гитлерӣ – ғалаба ва пирӯзии адолат бар разолат, рӯшанӣ бар торикӣ, хайр бар шар, некӣ бар бадӣ, ақл бар ҷаҳл, меҳру вафо бар ҷабру ҷафо, покӣ бар палидӣ мебошад. Дар ғалаба бар фашизми гитлерӣ, ки бар ивази хуни миллионҳо сарсупурдагони Ватан ба даст омадааст, тамоми мардуми Шуравӣ, аз ҷумла, намояндагони Тоҷикистон низ саҳм доранд.

Дифоъ аз Ватан ва ҷанг ба хотири ба вартаи асорат наафтодани мардуми Шуравӣ, ки онро ҷиддитарин хатар – фашизми олмонӣ таҳдид мекард, ба қарз, фарз ва амри виҷдони ҳар як шаҳрванди солимақли Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёфт.

Даъвати роҳбарияти давлати Шуравӣ ба ҷанг барои аз хоки Ватан рондани истилогарони олмонӣ дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон низ ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт ва дар кӯтоҳтарин муҳлат мардуми манотиқи гуногуни кишвар ихтиёран ба ҷанг сафарбар шуданд. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 290 ҳазор нафар фарзанди ғаюри миллат бар ҷабҳаҳо сафарбар шуда, алайҳи фашизм мубориза бурда, зиёда аз 50 нафар унвони олии «Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ»-ро сазовор гардиданд. Дар ақибгоҳ ҳам халқи азизи тоҷик ва тоҷикистонӣ ҳадафмандона заҳмат кашида, барои сангарҳои ҷангӣ ҳазорон тонна маҳсулоти ғизоӣ, анвои гуногуни озуқаворӣ ва лавозимоти ҷангӣ фиристода, аз ин тариқ, дар раванди пирӯзӣ саҳми муносиб гузоштанд.

Шароити муосири сиёсӣ ва геосиёсӣ бисёр нигаронкунанда аст: қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ барои бароварда сохтани ниёзҳои сиёсӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, мафкуравӣ-идеологӣ миёни мамолики камзарфият ҷангу низоъ ва даргириҳоро дар ҳар шакле пиёда месозанд. Бинобар ин, ниҳоят ҳушёр бояд буд, то мавриди истифодаи қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ қарор нагирем ва дар баробари ҷангу низоъҳо истодагарӣ карда тавонем. Ба сухани дигар, барои он ки сулҳу амният бар ҷангу мунозаат пирӯз гардад, моро зарур аст, ки ҳар чӣ зиёдтар ба илму фарҳанг рӯ биёварем.

Нозим НУРЗОДА,
пажуҳишгар

САҲМИ ТОҶИКИСТОНИЁН ДАР ТАЪМИНИ ҒАЛАБА

Аз галабаи оламшумули халқҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ беш аз 80 сол сипарӣ гардид.

Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҷумҳурии мо беш аз 290 ҳазор нафар ба ҷабҳа сафарбар гардиданд, ки ин аз ҷумлаи ҳар шашумин сокини Тоҷикистон буд. Аз ин шумора навад ҳазор нафар дар корзор ҷон бохтанд.

Аз фиристодагони Тоҷикистон панҷоҳ ҳазор нафар бо ордену медалҳои ҷангӣ сарфароз гардиданд.

18 нафар бо ҳар се дараҷаи ордени «Шараф» сазовор гаштаанд, ки баробар ба унвони қаҳрамонист.

Лочиндухтари тоҷик Ойгул Муҳаммадҷонова (зодаи рустои Шинги шаҳри Панҷакент) 93 парвози ҷангӣ анҷом додаву сазовори ордени Ленин гаштааст. Фиристодаи Тоҷикистон Тӯйчӣ Эрйигитов аз ҷумлаи 200 нафароне аст, ки корномаи Александр Матросовро такрор кардааст.

Яке аз муҳофизатгарони «Хонаи Павлов» дар Сталинград тоҷикписар М.Тӯрдиев буд, ки он хонаро 58 рӯз дар даст нигоҳ дошта буданд. Аз тоҷикистониён барои саҳми сазовор дар ақибгоҳи ҷанг шумули 102 ҳазор нафар бо медали «Барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» сазовор дониста шуданд.

Аҳолии Тоҷикистон ба Фонди ҷанг 805 млн сӯм, заёмҳои ҷангӣ, 45 ҳазору 207 сӯм коғазҳои бурднок, 532 ҳазор либоси гарм, 123830 пуд туҳфа (15 вагон), 40750 пуд ғалла супориданд.

Аз Тоҷикистон дар ҷабҳаҳои ҶБВ колоннаҳои танкии «Колхозчии Тоҷикистон», «Муаллими халқии Тоҷикистон», эскадрилияи ҳавоии «Колхозчии Тоҷикистон», «Кооператори ҳавоии «Колхозчии Тоҷикистон», «Комсомоли Тоҷикистон», батареяи тӯпандозии «Колхозчии райони Ленинобод», тӯпи «Пионери Тоҷикистон», ки бо маблағи сокинон ва хонандагони мактабҳо сохта шуда буданд, иштирок намуданд.

Дар давоми ҷанг санъаткорон ва дастаҳои консертӣ ба ҷабҳа рафта, сафари ҳунарӣ нишон доданд. Аз ҷумла, соли 1943 театри фронтии Тоҷикистон таъсис ёфта буд.

Дар муҳорибаи Москва (аз 30.IX то 5.XII.1941) дивизияи 20-уми савора, ки дар Тоҷикистон таъсис ёфта буд, иштирок ва ҷонбозиҳо намудааст. Шумораи коргарон (соли 1945) аз 30,7 ҳазори соли 1940 ба 33,2 ҳазор нафар расид. Ҷамъ, дар саноати ҷумҳурӣ 42,4 ҳазор нафар машғули кор буданд.

Аз моҳи июли соли 1941 то моҳи январи соли 1946 дар ҷумҳурӣ 20 корхона ва сеҳҳо ба истифода дода шуданд.

Хулоса, ҳамаи ин тадбирҳо ба он равона гардида буданд, ки халқи Шуравӣ ғалабаро таъмин намуда, барои зиндагии осоиштаи аҳолӣ шароит муҳайё намоянд.

Таҳияи
Ҳасан АЛИМЗОДА,
омӯзгори МТМУ №10-и ноҳияи Айнӣ,
Абдусаломи САМЕЪЗОД,
омӯзгори МТМУ №100-и ноҳияи Шоҳмансур

Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Ҳисор 231 синфхона барои 5544 хонанда дар як баст бунёд карда мешавад.

9 МАЙ – РӮЗИ ҒАЛАБА ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

ПАЙВАНДИ НАСЛҲО

9-уми май на танҳо як санаи таърихӣ, балки нишони шуҷоат, матонат ва фидокории миллионҳо инсонҳоест, ки барои ҳифзи сулҳ ва озодӣ ҷони худро нисор кардаанд. Рӯзи Ғалаба моро водор месозад, ки ба гузашта назар афканем, хотираҳоро зинда нигоҳ дорем ва арзиши сулҳро амиқ дарк намоем.



Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз санҷишҳои сахттарин дар таърихи инсоният буд. Аз Тоҷикистон низ ҳазорон ҷавонмардон ба ҷабҳа рафта, дар мубориза бар зидди фашизм иштирок намуда, корнамоиву шуҷоати беназир нишон додаанд. Бисёре аз онҳо барнагаштанд, вале номи онҳо ҳамчун қаҳрамон дар хотираи халқ ба таври ҷовидона боқӣ монд. Ин корнамоиҳо барои наслҳои оянда намунаи ибрат ва мактаби шуҷоат мебошанд.

Рӯзи Ғалаба қисми зиндаи таърихи оилаи мост. Бобои падариам – Неъмат Бойматов артиллерист буд ва дар муҳорибаи таърихие, ки «Муҳорибаи Курск» номгузорӣ шудааст, иштирок кардааст. Ин яке аз муҳорибаҳои ҳалкунанда буд, ки сарнавишти ҷангро тағйир дод.

Бобои модариам – Муҳиддинхоҷа Мукаррамов низ дар солҳои охири ҷанг ба фронт рафтааст. Баъд аз анҷоми ҷанг солҳои зиёд дар як қатор кишварҳои Аврупо барои бартарафсозии паёмадҳои ногувори он саҳм гузоштааст.

Мо аз он шукргузор ҳастем, ки бо сиёсати хирадмандона Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштироки фарзандони баруманди халқи тоҷик дар чорабинии фарҳангии байналмилалии «Поезди хотира» («Поезд Памят»-и) саҳми авалиндараҷаи худро гузоштаанд. Маҳз бо ташаббуси Сарвари кишварамон фарзанди ман низ дар қатори дигар хонандагони синфи 10 дар ин чорабинии сиёсӣ ва фарҳангӣ иштирок намуд, ки садҳо кӯдаконро аз кишварҳои иштирокчии ҷанг ба ҳам овард. Дар ин чорабинӣ хонандагони Федератсияи Россия, Белорус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Арманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Аврупо ва ғайра иштирок намуданд. Дар доираи ин лоиҳа, онҳо се ҳафта сафар намуда, шаҳрҳоеро диданд, ки дар он ҷо ҷангҳои шадид шуда буд – аз Минск то Москва.

Дар ҳар як шаҳр иштирокчиён ба ёдгориҳои сарбозони номаълум ва қабрҳои бародарӣ гулчанбарҳо гузошта, хотираи онҳоро гиромӣ доштанд. Поезд ҳаракат мекард ва ҳамзамон, дар дили кӯдакон эҳсоси амиқи пайванди таърихи гузашта бо ҳаёти имрӯза шакл мегирифт. Ин гуна чорабиниҳо руҳияи ватандӯстии онҳоро баланд мебардорад, ҳисси масъулиятро тақвият медиҳад ва муҳимтар аз ҳама, онҳо фаҳмонанд, ки сулҳ чӣ арзиши бузург дорад.

Рӯзи Ғалаба на танҳо хотираи гузашта, балки масъулияти имрӯзаи мост. Мо бояд сулҳро ҳифз намоем, қаҳрамонони худро фаромӯш насозем.

Насиба БОЙМАТОВА,
саромӯзгори кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

9-уми май дар саҳифаҳои таърихи башарият ҳамчун рамзи пирӯзии адолат бар зулм, рӯшноӣ бар торикӣ ва озодӣ бар асорат бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст. Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 на танҳо имтиҳони сангини низомӣ, балки набарди ирода ва худогоҳӣ низ буд. Барои мо, тоҷикистониён, ин сана танҳо як ҷашни тақвимӣ нест, иди хотираи неки фарзандони содиқи Ватан аст, ки дар набардҳои шадид зидди фашизм ҷони худро дареғ надоштанд.



Гузаштаро фаромӯш накунем

Дар таърихи ҳар як миллат рӯзҳое ҳастанд, ки бо гузашти солҳо дар хотираи мардум ҳамчун рамзи ҷасорат, матонат ва муҳаббат ба Ватан боқӣ мемонанд. Яке аз чунин санаҳои муҳимму фаромӯшнашаванда 9 май – Рӯзи Ғалаба мебошад. Ин рӯз нишонаи пирӯзии адолат бар зулм, некиву инсондӯстӣ бар бадӣ ва рамзи гиромидошти хотираи онҳое аст, ки барои озодии халққо ҷони худро нисор кардаанд.

Солҳои вазнини Ҷанги Дуюми Ҷаҳон барои тамоми инсоният имтиҳони сахт гардид. Дар он намояндагони 72 давлати хурду бузурги олам ширкат варзиданд. Ҷанг ба миллионҳо хонавода ғаму андӯҳ оварда, ҳазорон шаҳрҳоро вайрон кард ва зиндагии осоиштаи мардумро халалдор сохт. Дар ҳамин давраи сангин мардони далер, занони фидокор ва ҷавонони ватандӯст ба майдон баромада, барои ҳифзи шаъну шараф ва озодии инсон мубориза бурданд.

Фарзандони шуҷои Тоҷикистон низ дар ин набард саҳми арзанда гузоштанд. Аз Тоҷикистони азиз беш аз 290 ҳазор нафар ба ҷанг сафарбар шуданд. Онҳо дар майдонҳои ҷанг мардонавор муқобили душман истоданд, бо шуҷоати худ номашонро дар саҳифаҳои таърих сабт намуданд.

Дар ақибгоҳ низ мардум шабу рӯз меҳнат мекарданд. Занон, пиронсолон ва наврасон дар саҳро, завод ва коргоҳҳо заҳмат мекашиданд. Онҳо барои сарбозон ғизо, либос ва дигар лавозимоти зарурӣ омода менамуданд.

Имрӯз мо дар фазои сулҳу оромӣ зиндагӣ мекунем. Аз ин рӯ, бояд ба қадри осмони соф, хандаи кӯдакон, зиндагии осудаву пешрафти кишвар бирасем.

Агар мо таърихро фаромӯш кунем, хатари такрори хатоҳои гузашта вуҷуд дорад. Бинобар ин, ёдоварӣ аз қаҳрамонон танҳо эҳтиром ба гузашта нест, балки масъулият дар назди оянда низ мебошад.

Марзия НАВРӮЗОВА,
омӯзгори таърих ва ҳуқуқ

Мактаби ҷасорат ва худогоҳии миллӣ

Иштироки фаъоли зиёда аз 300 ҳазор нафар фиристодагони Тоҷикистон дар ҷабҳаҳои ҷанг ва фидокории онҳо дар ақибгоҳ нишонаи олии ватандӯстӣ буд. Ин қаҳрамонӣ маҳз аз ҳисси баланди худшиносӣ сарчашма мегирифт.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи нақши таърихии ин сана ва ҷойгоҳи он дар тарбияи насли ҷавон чунин таъкид намудаанд: «Мо бо ифтихор мегӯем, ки дар таъмини Ғалаба бар фашизм саҳми фарзандони Тоҷикистон низ хеле назаррас мебошад. Таҷлили ин санаи таърихӣ барои насли ҷавони мо дарси ҷасорату мардонагӣ ва ватандӯстиву ватандорӣ ба шумор меравад».

Ҳар як тоҷик дарк мекард, ки ҳимояи марзу буми давлат – ин ҳимояи хонаву дар ва номуси миллати худи ӯст. Ин эҳсоси масъулият пойдевори худогоҳии миллиро дар шароити нави таърихӣ мустаҳкам намуд.

Барои он ки корномаи ниёгон дар шуури насли имрӯза нақш бандад ва боиси болоравии ҳисси ватандӯстии онҳо шавад, пешниҳод мегардад, ки дар муассисаҳои таълимӣ бештар дар бораи қаҳрамонони ҳамон шаҳру ноҳия ва деҳаҳое, ки ҷавонон дар он ҷо зиндагӣ мекунанд, маълумот дода шавад, то онҳо робитаи наздики худро бо таърих эҳсос кунанд.

Ғалаба бар фашизм барои миллати тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ ва ифтихори ватандорӣ мебошад. Мо бояд дарк кунем, ки худогоҳии миллӣ бидуни эҳтиром ба гузашта ва омӯхтани сабақҳои таърих имконнопазир аст. Иди Ғалаба ба мо ёдрас мекунад, ки сулҳу озодӣ қимати гарон доранд ва ҳифзи онҳо вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

Мақсуд МИЗРОБЗОДА,
директори Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии шаҳри Панҷакент

БОБОИ ҶАНГОВАРИ МАН



22-юми июни соли 1941 Олмони фашистӣ бе эълони ҷанг ба Иттиҳоди Шуравӣ ҳуҷум кард. Дар ин ҷанг дар қатори фарзандони бошарафи рус, украин, беларус ва қафқозӣ, ҳазорон диловарони тоҷик низ иштирок карданд. Яке аз чунин ҷанговарони далеру шуҷои Ватан Иззат Хушвахтов мебошад.

Иззат Хушвахтов соли 1926 дар деҳаи Шохорони Ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз таваллуд шудааст. Айёми кӯдакӣ ва мактабхониаш дар ҳамин деҳа гузаштааст. Баъди хатми мактаб, соли 1943 ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравӣ даъват шуда, малакаву маҳорати ҳарбии худро дар шаҳри Самарқанд сайқал дода, ба ротаи пиёдагард ворид гардидааст.

Вақте хурд будам, нақлҳои филммонанди бобоямро шунида, ӯро байни тиру тӯпи душман ҳамчун марди оҳанин ва ҳимоятгари Ватан тасаввур мекардам ва инак чанде аз қаҳрамониҳояш нақл мекунам.

Охирҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар яке аз шаҳрҳои Лаҳистон набарди хунин дар наздикии ҷангали анбӯҳе идома дошт. Мавқеи ҷангии сарбозони мо он қадар хуб набуд, барои ҳуҷум номувофиқ менамуд. Фашистон мехостанд бо аслиҳаву лавозимоти ҷангӣ (тӯп ва танк) барои нест кардани сарбозони Иттиҳоди Шуравӣ иқдом кунанд. Шабона фармон шуд, ки бояд садди роҳи ҳуҷуми душман гирифта шавад. Бобои Иззат, ки ёрдамчии сапёр буд, ҳамроҳи сардор барои гузоштани минаҳо ба зери пул рафта, онҳоро насб кардаанд. Нисфирӯзӣ фашистон мақсади гузаштан аз марзро доштанд, вале тирашон ба ҳадаф нарасид ва нақшаашон барбод рафт.

Ӯ аз соли 1943 дар муҳорибаҳо барои озод намудани шаҳрҳои Курск ва Старий Оскол ширкат варзидааст. Дар ин муҳорибаҳо аз се ҷойи бадан захмдор шуд. Бо дарназардошти хизматҳои арзанда, бо медалҳои «20-солагии Ғалаба дар солҳои 1941-1945», «65-солагии Ғалаба, солҳои 1941-1945» ва «70-солагии Ғалаба» қадрдонӣ гардидааст.

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба зодгоҳаш – деҳаи Шохорон баргашт. Бо роҳхати совхози Сағирдашт ба курси ронандагӣ ба шаҳри Душанбе фиристода шуд. Баъди хатми он 24 сол ҳамчун ронанда дар совхози мазкур фаъолият кард.

Бобои Иззат соҳиби 4 фарзанд мебошад, ки ҳамагӣ соҳиби маълумоти олӣ буда, дар вазифаҳои гуногун фаъолият мекунанд.

Аҳтам ХУШВАХТОВ,
омӯзгори МТМУ №19-и ноҳияи Рӯдакӣ

Соҳиби ҳирсро зи хони карам
Файзи эҳсон намерасад ҳаргиз.
Абдураҳмони Ҷомӣ

ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОЙ КИТОБ АСТ

КИТОБ – САРЧАШМАИ ДОНИШ

Намунаи дарси тарбиявӣ дар мавзуи «Аниси кунҷи танҳоӣ...»

Бе китоб, эй дӯстон, бунёди мо норавшан аст,
Тираву торик ҳамчун хонаи беравзан аст.

Мақсади дарс: тарғибу тавзеҳи моҳияти китоб ва китобхонӣ, таъкиди дӯсти беғарази инсон ва манбаи донишу ҳунар будани китоб ва арҷгузории он. Дар дарс чанде аз омӯзгорон ва волидайни хонандагон даъват мешаванд.

Аёниятҳо: чанд намуна аз китобҳо, Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров, «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ, «Ахтарони адаб», «Гулшани адаб», «Фарҳанги забони тоҷикӣ», рӯзномаю маҷаллаҳо, шиору овезаҳо ва ғайра.

Ҷараёни дарс: Дар тахтаи синф сатрҳои зерини устод Айнӣ навишта мешаванд:

Мактаб сабаби нақот бошад,
Мактаб сабаби ҳаёт бошад.
Бархезу гузор хоби худро,
Баргир ба каф китоби худро.

Омӯзгор: – Шогирдону устодони азиз, волидайни меҳрубон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори бисёр фазилатҳои некашон ба китобу китобхонӣ таваҷҷуҳи махсусу ҳамешагӣ доранд.

Сарвари кишвар ба ҳамагон чунин таъкид кардаанд: «Бидонед, ки китобхонию китобдӯстӣ инсонро ҳатман ба қуллаи мурод мерасонад. Китоб на танҳо сарчашмаи дониш, балки воситаи муҳимми тарбияи маънавӣ аст».

Бо пешниҳоди Сарвари давлат ташкилу гузаронидани озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Илм – фурӯғи маърифат», «Шоҳномахонӣ» ва дигар чорабиниҳо шавқу ҳаваси дар қалби хурду калон нисбат ба китоб боз ҳам афзудааст.

Дар васфи китоб ва аҳаммияти он адибони мо осори зиёд эҷод кардаанд. Ҳоло шогирдонамон аз ашъори шоирони тоҷик дар ин мавзуъ намунаҳо қироат менамоянд.

Хонандаи 1:
Бидон, сарчашмаи дониш китоб аст,
Ҷаҳонро шуълаафкан Офтоб аст.

Хонандаи 2:
Ҳуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар гамкадаи замона гамхоре нест.

Хонандаи 3:
Баргу сози мо китобу ҳикмат аст,
Ин ду қувва эътибори миллат аст.

Хонандаи 4:
Эй китоб, эй ҷони ширин, дар барам,
Ман туро аз сидқи дил мепарварам.

Омӯзгор: – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи моҳияти китоб китобхонаҳо ва дар ситоиши китоб чунин суханони самимӣ ва ҳикматбор гуфтаанд: «Китобхонаҳо бояд ба маркази муҳимми илму фарҳанг табдил дода шаванд, зеро китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ роҳнамоӣ мекунад». Идомаи қироати шеърпораҳо аз ҷониби шогирдони мо ин гуфтаҳои Сарвари кишварро тақвият мебахшад.

Хонандаи 5:
Беҳтар зи китобхона ҷое набувад,
Ҳуштар зи китоб ошное набувад.



Хонандаи 6:
Соиб, маталабрӯйидилазкас, кидаринаҳд,
Рӯе, ки нагардад зи касе, рӯйи китоб аст.

Хонандаи 7:
Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст.
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.

Хонандаи 8:
Он ёр, ки хомӯшу сухангӯст, китоб аст,
Он кас, ки накухоҳу накухӯст, китоб аст.

Хонандаи 9:
Китоб – эъҷози беҳамтои одам,
Сафобахшандаи дунёи одам.

Омӯзгор: – Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон узви рақами 1-и Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд ва пайваста ба китобхонию эҷодкорӣ машғуланд. Асарҳои навиштаашон дорои маънию мазмуну мундариҷаи бағоят баланданду сабку услуби хоссе доранд. Асарҳои Пешвои миллат «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Аз Ориён то Сомониён», «Чеҳраҳои мондагор», «Забони миллат – ҳастии миллат»… китобҳои рӯйимизии ҳар яки мо мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар Ватанамон ҳар сол 4-уми сентябр чун Рӯзи китоб ҷашн гирифта мешавад. Ҳоло пораҳои насриро дар тавсифи китоб мешунавем.

Хонандаи 10:
Илм исбот кардааст, ки агар инсон муддати се моҳ китоб нахонад, 90 фоизи магзаш мемирад…

Оре, шахсе ки китоб намехонад, ба ҳайвони сухангӯ бадал мешавад.

(Темур Зулфиқоров)

Баракати умр аз китобхонист.

Ҳар китобе, ки имрӯз рӯйи даст доред, фардо дастгири шумо хоҳад шуд.

(Абдурауф Муродӣ)

Дар идомаи дарси тарбиявӣ хонандагон дар бораи китобу китобхонӣ ҳикоятҳои кутоҳ мегӯянд ва чанд намоиши хурди ҳикматборро саҳнарезӣ мекунанд.

Махсусан, саҳнаи «Монологи китоб» хеле муассиру муфид аст.


Омӯзгор зимни ҷамъбасти дарс дониш, маҳорат, малака, қобилияти ҳозирҷавобӣ, суханронӣ ва шеърхонии шогирдони худро ситоиш намуда, зимнан, боз ҳам таъкид мекунад, ки китобро ҳама бояд дастуру раҳнамои худ донанд, бештар ба мутолиа машғул шаванд. Хуб мешавад, ки хонандагон муҳтавои асарҳои хондаашонро дар дафтари алоҳида қайд намоянд ва дар лаҳзаҳои мувофиқ аз онҳо истифода баранд!

Дар охир волидайни хонандагон ва омӯзгорони дигар фикрҳои худро баён карда, хонандагонро барои мунтазам китоб хондану аз он баҳрабардорӣ кардан даъват месозанд.

Ба омӯзгорон зарур аст, ки ҳангоми ташкилу баргузор кардани дарсҳои тарбиявӣ дар ин мавзуъ барои боз ҳам ҷолибу таъсирбахш гардидани дарс аз таҷриба ва маслиҳатҳои ҳамдигар, аз китобҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, барномаҳои телевизионӣ, асбобҳои аёнӣ ва манбаъҳои дигар моҳиронаю эҷодкорона истифода баранд.

Саймаҳмад СУЛТОНОВ,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики
МТМУ №17-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ,
Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон

АСАРИ МОНДАГОР



«Намунаи адабиёти тоҷик» – китоби қаҳрамон

Адиби оламшумул устод Айнӣ зиндагии пурҳаводисе ба сар бурда, аз худ осори гаронбаҳое боқӣ гузоштааст. Ӯро ҳамчун шоир, нависанда, муаррих, адабиётшинос, забоншинос, маорифпарвар ва олими барҷаста мешиносанду эътироф мекунанд. Асарҳои ӯ «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Ятим», «Дохунда», «Ғуломон», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Исёни Муқаннаъ», «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо» навоварона ва дар сатҳи баланд навишта ва ба бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷума шудаву писанди ҳамагон гардидаанд. «Намунаи адабиёти тоҷик» дар эҷодиёти устод ва дар таърихи халқи тоҷик мавқеи хеле муҳим ва барҷаста дорад. «Намунаи адабиёти тоҷик» нахустин асари бузурги адабиётшиносии нависанда буда, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, дар давраи 15 март – 12 октябри соли 1925 навишта шуда, соли 1926 дар шаҳри Москва ба чоп расидааст. Ба ин китоб адиби маъруф, устод Абулқосим Лоҳутӣ сарсухан навиштааст. Иншои «Намунаи адабиёти тоҷик» бо ҳодисаҳои сиёсии солҳои 20-уми асри XX дар Осиёи Миёна ва бо ҳаёти сиёсати иҷтимоию иқтисодии халқи тоҷик дар ин давра алоқаи ногусастанӣ дорад. Бо чопи ин китоб устод Айнӣ ба таври раднашаванда, бо далелҳои равшани таърихӣ ва аз нигоҳи илмӣ собит кард, ки тоҷикон яке аз қадимтарин халқҳои ҷаҳон буда, таъриху маданияти бостонӣ, забону адабиёти ғанӣ, фарҳангу урфу одатҳои хоси худро доранд ва дар арсаи олам ҳамчун халқи тамаддунсозу маърифатпарвар шинохта шудаанд. Ҳадафи асосии устод аз таълифи ин шоҳасар таъкиду собитсозии ҳастии халқи тоҷик буд, чунки дар он давра неруҳои зиёди иртиҷоию манфиатхоҳу миллатгаро, махсусан, пантуркистон ба ҳар роҳу васила мекӯшиданд, ки ҳастии халқеро бо номи тоҷикон дар Осиёи Миёна рад кунанд ва ба ин тариқ, ба таъсиси ҷумҳурии мустақили тоҷикон дар ҳайати ИҶШС монеа эҷод намоянд. Воқеан, қисмати халқи тоҷик ва имкони давлатдории он зери хатари ҷиддӣ монда буд. Устод Айнӣ ҳамчун фидоии миллат дар чунин давраи ҳассос қаҳрамонона рафтор карда, бо пешниҳоди Раиси Шурои комиссарҳои Тоҷикистон Абдулқодир Муҳиддинов ба таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» пардохт ва бо тақозои авзои замон ин асари бузургро дар андак муддат (6 моҳ) ба итмом расонд. Миллатгароёни замон ба ин китоби устод ҳамла карда, онро ҳамчун таҳрифи таърих, таблиғгари замони куҳнаи феодалӣ ва ҷонибдори шоҳони гузашта тавсиф бахшиданд ва ба сиёсатмадорони марказӣ маълумоти бардурӯғу иғвогарона ироа карданд. Дар натиҷа як давра ин китоб маҳкум гардиду нусхаҳояш аз дасти хонандагон барчида шуд, ҳатто, миқдоре аз китобро оташ заданд. Вале бо гузашти андак вақт, бо ҷонибдорӣ ва шарҳу тавзеҳи сиёсатмадорону фарҳангиёни огаҳманду беғараз ва воқеиятбин «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳаққонияту асосмандии худро исбот кард ва бо ҳамин дар ҷодаи ҳимояи ҳастии халқи тоҷик, давлатдории он ва дар таъсиси ҷумҳурии мустақили тоҷикон дар ҳайати ИҶШС (соли 1929) нақши муҳим бозид. Дар давраи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон китоби Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ – «Намунаи адабиёти тоҷик» умри дубора ёфт, борҳо ба нашр расид ва ба яке аз китобҳои ифтихорӣ дар қатори «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсию «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров дар ҳар хонадони тоҷик табдил ёфт.

Мунаввара САНГИНОВА,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики
МТМУ №46-и ноҳияи Айнӣ

СУРУД ВА МУСИҚӢ

Машқҳои овозӣ дар дарс

Суруд ва мусиқӣ аз фанҳои таълимиест, ки дар тарбияи эстетикӣ, зеҳнӣ ва зеҳнишиносии хонандагон нақши муҳим дорад.

Вазифаи асосии таълиму тарбияи мусиқӣ ба хонандагон сурудхонии дурустро ёд додан ва дар замири онҳо санъати мусиқии касбиро парваридан аст. Дар машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ қувваи сомеа, ҳофиза, диққат ва тасавури мусиқии хонандагон инкишоф ёфта, муҳаббат ва шавқу рағбати онҳо ба сурудхонию мусиқӣ бештар мегардад.

Дар амалӣ гардонидани ин корҳо нақши муаллими мусиқӣ бузург буда, аз истеъдоду маҳорати кордонию эҷодкории ӯ вобастагии амиқ дорад. Муаллим дар машғулиятҳо ба қобилияту фаҳмиши шогирдон такя менамояд.

Мутаассифона, иддае аз хонандагон ҳангоми сароидани суруд баъзан ба хатоиҳои қоидаҳои сурудсароӣ роҳ медиҳанд.

Дар ин ҳолат муаллим метавонад мувофиқи масоҳати оҳанг (диапазон) ва қобилияти шогирдон машқи овозӣ тартиб дода, онро пеш аз иҷро ва ё омӯзонидани суруд якчанд маротиба дар суръатҳои гуногун иҷро намояд. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки бештар муаллимони дарсдиҳандаи суруд ва мусиқӣ дар дарсҳояшон қаторовозҳои до-мажор, ля-минор ва ғайраро ҳамчун машқи овозӣ истифода менамоянд.

Хуб мебуд, дар баробари ин аз машқҳои озод ва матнҳои ба шогирдон осон талаффузшаванда низ истифода намоем. Ба монанди ми, ме, ла, ва мисраъҳои «суруд мехонем», «Яку дую сею чор, мегирам ман панҷу чор» дар зинаҳои гуногун иҷро намоем.

Раҳмон РАҲИМӢ,
омӯзгори Литсей барои
хонандагони болаёқат
дар шаҳри Кӯлоб, узви Иттифоқи
композиторони Тоҷикистон

Корҳои созандагӣ бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар кишвар 106,7 фоиз иҷро гардид.

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Муқоисаи ададҳо ва ифодаҳо

Масъалаи 50. Кадоме аз онҳо калон аст:
$\frac{84^{73}+1}{84^{74}+1}$ ё $\frac{84^{74}+1}{84^{75}+1}$?.

Масъалаи 51. Кадоме аз ададҳои $(2024!)^2$ ё ки 2024^{2024} калон аст?

Масъалаи 52. Кадоме аз ин ададҳо калон аст: $\sqrt{6}-\sqrt[3]{3}$ ё 1?

Масъалаи 53. Кадомаш калон аст: $\sqrt{2027}+\sqrt{2029}$ ё $2\sqrt{2028}$.

Масъалаи 54. Кадомаш калон аст: $\sqrt[9]{9!}$ ё $\sqrt[8]{8!}$?

Масъалаи 55. Исбот кунед, ки $\sqrt[3]{2}+\sqrt[3]{4}<2\sqrt[3]{3}$ аст.

Ҳалли масъалаҳо

50. Ҳал. Дар ифодаи додашуда $84^{74}=a>0$ ишора карда, $84^{73}=84^{74-1}=\frac{1}{84}\cdot 84^{74}=\frac{a}{84}$ ва $84^{75}=84^{74+1}=$ $=84\cdot 84^{74}=84a$-ро пайдо мекунем.

Акнун ифодаи додашударо чунин менависем:

$$\frac{\frac{a}{84}+1}{a+1}\vee\frac{a+1}{84a+1};$$

Тарзи якум. Фарқи ҳар ду ифодаро муайян мекунем:

$$\frac{\frac{a}{84}+1}{a+1}-\frac{a+1}{84a+1}\vee 0;$$

$$\frac{\left(\frac{a}{84}+1\right)(84a+1)-(a+1)^2}{(a+1)(84a+1)}\vee 0;$$

$$\frac{a^2+\frac{a}{84}+84a+1-a^2-2a-1}{(a+1)(84a+1)}=\frac{\frac{a}{84}+82a}{(a+1)(84a+1)}.$$

Азбаски $a>0$ аст, бинобар ин, ифодаи охирон низ $\frac{\frac{a}{84}+82a}{(a+1)(84a+1)}>0$ мешавад.

Пас $\frac{84^{73}+1}{84^{74}+1}>\frac{84^{74}+1}{84^{75}+1}$ мешавад.

Ҷавоб: $\frac{84^{73}+1}{84^{74}+1}$.

Тарзи дуюм. Ҳосили тақсими ҳар ду ифодаро муоина мекунем:

$$\frac{\frac{a}{84}+1}{a+1}:\frac{a+1}{84a+1}=\frac{\frac{a}{84}+1}{a+1}\cdot\frac{84a+1}{a+1}=\frac{a^2+\frac{a}{84}+84a+1}{(a+1)^2}=$$

$$\frac{(a^2+2a+1)+\frac{a}{84}+82a}{(a+1)^2}=1+\frac{\frac{a}{84}+82a}{(a+1)^2}>1.$$

Машғулияти даҳум (синфҳои 8 ва 9)

Ҷавоб: $\frac{84^{73}+1}{84^{74}+1}>\frac{84^{74}+1}{84^{75}+1}$.

51. Ҳал. Аввал $2024!\vee 2024^{1012}$-ро муқоиса мекунем:

$$\underbrace{1\cdot 2\cdot 3\cdot\ldots\cdot 2024}_{2024}\vee\underbrace{2024\cdot 2024\cdot 2024\cdot\ldots\cdot 2024}_{1012}.$$

Ҳосили зарби ададҳои тарафи чапро ба намуди зерин менависем:

$$\underbrace{(1\cdot 2024)\cdot(2\cdot 2023)\cdot(3\cdot 2022)\cdot\ldots\cdot(1012\cdot 1013)}_{1012}\vee$$

$$\vee\underbrace{2024\cdot 2024\cdot 2024\cdot\ldots\cdot 2024}_{1012};$$

$$\underbrace{(2\cdot 2023)\cdot(3\cdot 2022)\cdot\ldots\cdot(1012\cdot 1013)}_{1011}\vee$$

$$\vee\underbrace{2024\cdot 2024\cdot\ldots\cdot 2024}_{1011}.$$

Азбаски ҳосили зарби дохили ҳар як қавс аз ададҳои 2024 калон аст, пас $(2024!)^2>2024^{2024}$ мешавад.

52. Ҳал. Тахмин мекунем, ки $\sqrt{6}-\sqrt[3]{3}>1$ аст. Нобаробариро ба нобаробарии ба он баробарқуввааш зерин иваз мекунем: $\sqrt{6}-1>\sqrt[3]{3}$.

Ҳар ду тарафи нобаробариро ба куб бардошта, онро сода мекунем:

$(\sqrt{6}-1)^3>(\sqrt[3]{3})^3$; $(\sqrt{6})^3-3\cdot(\sqrt{6})^2\cdot 1+3\cdot\sqrt{6}\cdot 1^2-1^3>3$;
$6\sqrt{6}-3\cdot 6+3\cdot\sqrt{6}-1>3$; $9\sqrt{6}-19>3$ ё ки $9\sqrt{6}>22$.

Боз ҳар ду тарафи нобаробарии ҳосилшударо ба квадрат бардошта, пайдо мекунем:

$(9\sqrt{6})^2>22^2$; $81\cdot 6>484$; $486>484$.

Дар натиҷа, нобаробарии дурустро ҳосил намуда, ба хулоса меоем, ки нобаробарии додашуда низ дуруст аст. Яъне, $\sqrt{6}-\sqrt[3]{3}>1$.

Ҷавоб: $\sqrt{6}-\sqrt[3]{3}$.

53. Ҳал. Дар ибтидо ифодаи зеринро барои дилхоҳ $n\in N$ муайян мекунем:

$$\sqrt{n+1}-\sqrt{n}=\frac{\sqrt{n+1}-\sqrt{n}}{1}=\frac{(\sqrt{n+1}-\sqrt{n})(\sqrt{n+1}+\sqrt{n})}{\sqrt{n+1}+\sqrt{n}}=$$

$$=\frac{n+1-n}{\sqrt{n+1}+\sqrt{n}}=\frac{1}{\sqrt{n+1}+\sqrt{n}}<\frac{1}{\sqrt{n}+\sqrt{n-1}}=\sqrt{n}-\sqrt{n-1}.$$

$\sqrt{2029}-\sqrt{2028}<\sqrt{2028}-\sqrt{2027}$ ё ки $\sqrt{2027}+\sqrt{2029}<2\sqrt{2028}$ мешавад.

Ҷавоб: $2\sqrt{2028}$.

54. Ҳал. Ифодаҳои матлубро ба тариқи зерин муқоиса мекунем: $\sqrt[9]{9!}\vee\sqrt[8]{8!}$.

Ҳар ду тарафи нобаробариро ба дараҷаи 72 мебардорем:

$(\sqrt[9]{9!})^{72}\vee(\sqrt[8]{8!})^{72}$; $(9!)^8\vee(8!)^9$.

Нобаробарии ҳосилшударо табдил медиҳем:

$(8!\cdot 9)^9\vee(8!)^{8+1}$; $(8!)^8\cdot 9^8\vee(8!)^8\cdot 8!$.

Акнун ҳар ду тарафи нобаробариро ба $(8!)^8$ тақсим мекунем:

$9^8\vee 8$ ё ки $9\cdot 9\cdot 9\cdot\ldots\cdot 9\cdot 9\vee 1\cdot 2\cdot 3\cdot\ldots\cdot 7\cdot 8$.

Дар тарафи чапи нобаробарӣ ҳосили зарби 9 то ададӣ 9 мавҷуд буда, дар тарафи рости он ҳосили зарби аз 1 то 8 мебошанд.

Пас, тарафи чапи нобаробарӣ калон буда, $\sqrt[9]{9!}>\sqrt[8]{8!}$ мешавад.

Ҷавоб: $\sqrt[9]{9!}>\sqrt[8]{8!}$.

55. Ҳал. Ҳар ду тарафи нобаробариро ба куб мебардорем:

$(\sqrt[3]{2}+\sqrt[3]{4})^3<(2\sqrt[3]{3})^3$; $2+3\sqrt[3]{4}\cdot\sqrt[3]{4}+3\sqrt[3]{2}\cdot\sqrt[3]{16}+4<24$;
$3(2\sqrt[3]{2}+2\cdot\sqrt[3]{4})<18$; $\sqrt[3]{2}+\sqrt[3]{4}<3$.

Дар нобаробарии ҳосилшуда, $\sqrt[3]{2}=t$ ишора карда, пайдо мекунем:

$f(t)=t^2+t-3$. Ҳангоми $t_0=\sqrt[3]{2}$ нишон медиҳем, ки $f(t_0)<0$ мешавад.

Нобаробарии $f(t)<0$ ё ки $t^2+t-3<0$-ро ҳал карда, $t\in\left[\frac{-1-\sqrt{13}}{2};\frac{-1+\sqrt{13}}{2}\right]$-ро ҳосил мекунем. Исбот мекунем, $\frac{-1-\sqrt{13}}{2}\le\sqrt[3]{2}\le\frac{-1+\sqrt{13}}{2}$ мешавад.

Азбаски $\sqrt[3]{2}+0$ аст, пас тарафи чапи нобаробарӣ хурд аз $\sqrt[3]{2}$ мешавад. Тарафи рости нобаробарӣ ба нобаробарии $2\sqrt[3]{2}\le\sqrt{13}-1$ баробарқувва мебошад. Ҳар ду тарафи ин нобаробариро ба куб мебардорем:

$(2\sqrt[3]{2})^3\le(\sqrt{13}-1)^3$;
$16\le 13\sqrt{13}-3\cdot 13+3\sqrt{13}-1$;
$56\le 16\sqrt{13}$; $7\le 2\sqrt{13}$.

Ҳар ду тарафи нобаробарии охиронро ба квадрат бардошта, ҳосил мекунем: $49\le 52$. Пас, нобаробарии матлуб дуруст аст.

Ҷавоб: Исбот шуд.

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Масъалаҳои шавқовари физикӣ

(Охираш. Аввалаш дар шумораи гузашта)

Масъалаи 4. Дар зарфи алюминии массааш 1.3кг 2 литр оби ҳарорааш 8°С рехта шудааст. Барои дар зарф ҳосил намудани оби барои шустушӯй мувофиқ (ҳарорааш 22°С) ба зарф чанд кг оби ҷӯшидаистода рехтан лозим аст?

Дода шудааст:
$m_1=1.3$ кг
$V=2л=2\cdot 10^{-3}$ м^3
$t_1=8°C$
$t_2=22°C$
m_2 - ?

Ҳалли масъала:

Барои ҳалли масъала аввал формулаи зичиро истифода мебарем. Аз ин формула массаи ҷисмро муайян мекунем:

$\rho=\frac{m}{V}$ $m=\rho\cdot V=1000$кг/м$^3\cdot 2\cdot 10^{-3}$м$^3=2$кг

$Q_1=Cm_1\Delta t1$
$Q_2=Cm_2\Delta t_2$
$Q_1=Q_2$
$Cm_1\Delta t_1=Cm_2\Delta t_2$
$m_1\Delta t_1=m_2\Delta t_2$

Аз ин формула массаи оби ҳарорати оби ҷӯшидаистодаро меёбем.

$$\frac{m_1}{(2+1.3)\cdot 8}=\frac{m_1 t_1}{t_2}=\frac{(m_1+m_2)\cdot t}{t_1+t_2}=$$

$$=\frac{3.3\cdot 8}{30}=\frac{26.4}{30}=0.88\text{кг}.$$

$$m_2=\frac{m_1 t_1}{t_2}=\frac{1.3\cdot 8}{22}=\frac{10.4\cdot 8}{22}=0.47$$

Акнун фарқи массаҳоро ҳисоб мекунем.

$\Delta m=m_1-m_2=0.88\text{кг}-0.47\text{кг}=0.41\text{кг}$

Яъне, массаи оби ҷӯшидаистода 0.41 кг ё 410 г будааст.

Ҷавоб: 0.41 кг

Масъалаи 5. Ба дохили 350 г карасини ҳарорааш 25°С бофтаи сими мисини ҳарорааш 175°С-ро гузоштаанд. Ҳарорати сими мисинро баъди хунук шуданаш ёбед, агар массаи бофта ба 200 г баробар бошад.

Дода шудааст:
$m_1=350$ г $=0.350$ кг
$t_1=25°C$
$t_2=175°C$
$m_2=200$ г $=0.2$кг
t = ?

Ҳалли масъала:

Барои ҳалли ин масъала аз формулаи муодилаи тавозуни гармӣ истифода мебарем:

$Q_1=C_1\, m1\Delta t_1$
$Q_2=C_2\, m_2\Delta t_2$

Аз ин ҷо суммаи тавозуни гармиро тартиб медиҳем:

$Q_1+Q_2=Q_1+Q_2$

$C_{мис}=400\frac{ч}{кг\cdot К}$ $C_1 m_1\Delta t_1+C_2 m_2\Delta t_2=$
$=C_1 m_1\Delta t_1+C_2 m_2\Delta t_1=(C_1 m_1+C_2 m_2)\cdot t$

$C_{карасин}=2100\frac{ч}{кг\cdot К}$ $C_1\, m_1\Delta t_1+C_2\, m_2\Delta t_2=(C_1 m_1+C_2 m_2)\cdot t$

Акнун қиматҳои дар болобударо дар ин формула мегузорем:

$$t=\frac{C_1 m_1 t_1+C_2 m_2 t_2}{C_1 m_1+C_2 m_2}=$$

$$=\frac{2100\frac{ч}{кг\cdot К}\cdot 0.35\text{кг}\cdot 25°C+400\frac{ч}{кг\cdot К}\cdot 0.2\text{кг}\frac{ч}{кг\cdot К}\cdot 175°C}{0.35\text{кг}\cdot 2100\frac{ч}{кг\cdot К}+0.2\text{кг}\cdot 400\frac{ч}{кг\cdot К}}$$

$$t=\frac{18375+14000}{735+80}=\frac{18375+14000}{735+80}=$$

$$=\frac{32375}{815}=39.7\,°C$$

Ҳарорати сими мисин баъди хунук шудан ба 39.7 °С баробар будааст.

Ҷавоб: 39.7 °С

Масъалаи 6. Ҳангоми элементи манбаи ҷараёнро ба муқовимати 4.5 Ом васл кардан, ҷараён дар занҷир ба 0.2 А ва ҳангоми ҳамин ду элементро ба муқовимат 10 Ом васл кардан, ҷараён дар занҷир ба 0.1 А баробар шуд. ҚЭҲ-и элемент ва муқовимати онро ёбед.

Дода шудааст:
$R_1=4.5$ Ом
$\mathcal{J}_1=0.2$ А
$R_2=10$ Ом
$\mathcal{J}_2=0.1$ Ом
ε – ?
r – ?

Ҳалли масъала:

Барои ҳалли ин масъала аз формулаи қонуни Ом барои занҷири пурра истифода мебарем:

$\mathcal{J}=\frac{\varepsilon}{R+r}$ $\varepsilon_2=\mathcal{J}_2(R_2+r_2)$
$\varepsilon_1=\mathcal{J}_1(R_2+r_1)$

Формулаҳоро табдилдиҳӣ карда, муқовимати қувваи ҷараёнро меёбем:

$\varepsilon_2=\mathcal{J}_2(R_2+r_2)=\mathcal{J}_2 R_2+\mathcal{J}_2 r_2$
$\varepsilon_2=\mathcal{J}_2 R_2+\mathcal{J}_2 r_2$

$\varepsilon_1=\mathcal{J}_1(R_1+r_1)=\mathcal{J}_1 R_1+\mathcal{J}_1 r_1$
$\varepsilon_1=\mathcal{J}_1 R_1+\mathcal{J}_1 r_1$

Дар ин ҷо $\varepsilon_2=\varepsilon_1$-ро баробар мекунем:

$\mathcal{J}_2 R_2+\mathcal{J}_2 r_2=\mathcal{J}_1 R_1+\mathcal{J}_1 r_1$
$\mathcal{J}_2 R_2-\mathcal{J}_1 R_1=\mathcal{J}_2 r_2-\mathcal{J}_1 r_1=r(\mathcal{J}_1-\mathcal{J}_2)$
$\mathcal{J}_2 R_2-\mathcal{J}_1 R_1=r(\mathcal{J}_1-\mathcal{J}_2)$ $r=\frac{\mathcal{J}_2 R_2-\mathcal{J}_1 R_1}{I_1-I_2}$

Қиматҳои дар болобударо дар ин формула гузошта, муқовимати ҷараёнро дар занҷир муайян мекунем:

$$r=\frac{\mathcal{J}_2 R_2-\mathcal{J}_1 R_1}{\mathcal{J}_1-\mathcal{J}_2}=$$

$$=\frac{0.1\text{ А}\cdot 10\text{ Ом}-0.2\text{ А}\cdot 4.5\text{ Ом}}{0.2-0.13}=$$

$$=\frac{1-0.9}{0.1}=\frac{0.1}{0.1}\,0.1/0.1=1\text{ Ом}$$

Қимати ҳосилшударо дар формулаи зерин гузошта, қимати ҚЭҲ-ро ҳисоб мекунем.

$\varepsilon=\mathcal{J}R=\mathcal{J}(R_1-R_2)=0.2\,(10-4.5)=$
$=0.2\cdot 5.5=1.1$В

Дар ин ҷо муқовимати ҷараён 1 Ом буда, ҚЭҲ бошад, 1.1 В мебошад.

Ҷавоб: 1 Ом, 1.1 В

Масъалаи 7. Муқовимати дохилии манбаи ҚЭҲ 12 В-ро муайян кунед, агар ҳангоми ба 2 Ом баробар будани муқовимати беруна ҷараён дар манба ба 0.5 А баробар бошад.

Дода шудааст:
$\varepsilon=12$ В
$\mathcal{J}=0.5$А
$R=2$ Ом
r – ?

Ҳалли масъала:

Аз формулаи қонуни Ом барои занҷири пурра истифода мебарем:

$\mathcal{J}=\frac{\varepsilon}{R+r}=\varepsilon=\mathcal{J}(R+r)=\mathcal{J}R+\mathcal{J}r$
$\varepsilon=\mathcal{J}R+\mathcal{J}r$

Акнун формулаи қонуни Омро табдилдиҳӣ мекунем:

$\varepsilon=\mathcal{J}R+\mathcal{J}r$
$\mathcal{J}R+\mathcal{J}r=E$
$\mathcal{J}r=\varepsilon-\mathcal{J}R$
$r=\frac{\varepsilon-\mathcal{J}R}{\mathcal{J}}$

Қиматҳои дар болобударо дар ин формула мегузорем ва муқовимати дохилии манбаъро меёбем:

$$r=\frac{\varepsilon-\mathcal{J}R}{\mathcal{J}}=\frac{12\text{ В}-0.5\text{ А}\cdot 2\text{ Ом}}{0.5\text{ А}}=$$

$$=\frac{12-1}{0.5\text{ А}}=\frac{11}{0.5}=22\text{ Ом}$$

Ҷавоб: 22 Ом

Раҷабалӣ САФАРОВ,
омӯзгори физикаи МТМУ №124-и ноҳияи Фирдавсӣ

Дар қароргоҳи ЮНЕСКО оид ба омодагӣ ба Конфронси байналмилалии оби Душанбе нишасти матбуотӣ доир шуд.

Зи чизи касон сар бипечад низ,
Ки душман шавад дӯст аз баҳри чиз.
Абулқосими Фирдавсӣ

МАСЛИҲАТИ МУТАХАССИС



АТТЕСТАТСИЯ МАСЪУЛИЯТИ БЕШТАР ТАҚОЗО ДОРАД

Тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.01.2026, таҳти рақами 102 «Оид ба анҷоми соли таҳсили 2025-2026, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм пас аз чанд муддат оғоз меёбад. Ин чорабинии муҳимми таълимӣ масъулияти омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва волидайнро бештару ҷиддитар менамояд.

Аттестатсия аҳаммияти таълимӣ, тарбиявӣ, назоратӣ, маълумотдиҳӣ ва маърифатнокӣ дорад. Он барои хонанда санҷиши ҷиддии ҳаётӣ буда, дар ӯ худшиносию масъулиятнокиро инкишоф медиҳад ва барои дуруст сафарбар намудани неруи интеллектуалиаш ёрӣ мерасонад.

Омӯзгорони фанҳои таълимӣ, роҳбарони синф, падару модарон бояд баҳри ташаккулёбии дониши хонанда, омодагии вай ба аттестатсияи хатм ёрӣ расонанд. Бо ин мақсад, бояд онҳо ба шогирдону фарзандони хеш маслиҳату тавсияҳо диҳанд, маводи заруриро дарёфт намуда, дастраси онҳо гардонанд, дар гузаронидани корҳои озмоишӣ имконоти хуб фароҳам оварда, машғулиятҳои иловагӣ ташкил кунанд. Яъне, рафти омодагӣ ба аттестатсияи хатм ва супоридани он бояд зери назорати ҳамешагии маъмурияти таълимгоҳ, омӯзгорони фаннӣ, роҳбарони синф ва падару модар қарор дошта бошад.

Баҳогузории шаффофи омӯзгорону аъзои комиссияи аттестатсионӣ ба донишу малакаю маҳорати хонандагон, дараҷаи азхудкунӣ, қобилияти эҷодкорӣ, шавқу завқи онҳо нақши муассир гузошта метавонад. Аттестатсияи хатм сатҳи дониш, фаъолияти таълимии хонанда ва ҳазми барномаҳои фанниро муайян мекунад.

Ҳангоми баҳодиҳӣ ба дониши амалию назариявии хонандагон фаъолияти онҳо дар давоми соли таҳсил ба инобат гирифта мешавад. Баҳодиҳӣ аз омӯзгор масъулиятшиносӣ, дақиқназарӣ, ҳақиқатнигорӣ ва воқеъбиниро тақозо мекунад.

Пурсишу санҷиши хаттию шифоҳӣ яке аз усулҳои асосии баҳисобгирии дониши хонандагон маҳсуб меёбад. Ҷавоби хонанда бояд мураттабу мантиқан дуруст бошад, маҳорату истеъдод, қобилияти эҷодкории вай эҳсос карда шавад. Дар вақти баҳогузорӣ омӯзгор бояд чунин меъёрҳоро ба назар гирад:

1) мукаммалӣ ва дурустии ҷавоб;
2) дараҷаи дониш ва дарки моҳияти маводи омӯхташуда;
3) ҳусни баён ва равонии нутқ;
4) саҳеҳии афкору андеша;
5) хулосабарории амиқи илмӣ;
6) алоқамандии назария бо амалия;
7) қобилияти эҷодкории хонанда;
8) мувофиқати дониш ба барномаҳои таълимӣ;
9) дониши иловагӣ ва берун аз барномаи таълимии вай;
10) овардани мисолҳо барои тасдиқи андешаи худ.

Ҳангоми гузаронидани аттестатсияи хатм омӯзгор низ имкон пайдо мекунад, ки баъзе муваффақияту камбудиҳои худро дар давраи таҳсили шогирдон муайян намояд. Барои дар оянда ба ин гуна норасоиҳо роҳ надодан омӯзгор чораҳои зарурӣ меандешад ва онҳоро бахри баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот самаранок истифода мебарад.

Б. ҲАЙДАРОВ,
сармутахассиси МҶТМ

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»

Имконоти мусоиди таълиму тарбия

Истиқлол барои ҳар миллат на танҳо мафҳуми сиёсӣ, балки рамзи эҳёи маънавӣ, худшиносии миллӣ ва рушди фарҳангиву маърифатист. Агар ба таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол назар афканем, эҳсос мекунем, ки яке аз самтҳои муҳимтарин ва тақдирсоз дар даврони истиқлол маҳз соҳаи маориф мебошад. Зеро маориф пояи давлат, неруи асосии пешрафт ва омили муҳимми ташаккули насли ояндасоз ба шумор меравад.

Аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ халқи тоҷик дарк намуд, ки бе рушди соҳаи маориф пешравии ҷомеа ғайриимкон аст. Бо вуҷуди душвориҳои сиёсиву иқтисодии солҳои аввали истиқлол, таваҷҷуҳ ба мактаб, омӯзгор ва тарбияи насли наврас ҳамеша дар меҳвари сиёсати Давлату Ҳукумат қарор дошт.

Яке аз дастовардҳои муҳимми соҳаи маориф дар даврони истиқлол, бунёди муассисаҳои нави таълимӣ мебошад.

Синфхонаҳои равшан, озмоишгоҳҳои фаннӣ, толорҳои варзишӣ, китобхонаҳои замонавӣ ба баланд гаштани сифати таълим мусоидат мекунанд.

Бо ифтихор метавон гуфт, ки соҳаи маорифи кишвар ба марҳалаи нави рушд қадам гузоштааст. Садҳо мактабҳои замонавӣ сохта шуданд, китобҳои дарсӣ аз нав таҳия ва нашр гардиданд. Ин ҳама бозгӯи он аст, ки маориф дар даврони истиқлолият ба яке аз самтҳои афзалиятнок табдил ёфтааст.

Ҷаҳони муосирро бе технологияҳои нав тасаввур кардан имконнопазир аст. Аз ҳамин сабаб, дар даврони истиқлол ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ диққати махсус дода мешавад. Имрӯз тамоми муассисаҳои таълимӣ дорои синфхонаҳои компютерӣ мебошанд, хонандагон бо интернет кор карданро меомӯзанд, омӯзгорон аз тахтаҳои электронӣ ва воситаҳои муосири таълим истифода мебаранд.

Технологияҳои нав ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки дарсҳоро ҷолиб ва самаранок гузаронанд. Истифодаи воситаҳои муосир раванди омӯзишро осон ва фаҳмо мегардонанд.

Имрӯз дар баробари таълим тарбия низ аҳаммияти калон дорад. Дар дарсҳои тарбиявӣ хонандагон таърих, фарҳанги миллӣ, забони модарӣ ва анъанаҳои мардумиро меомӯзанд. Насли наврас бояд бидонад, ки истиқлол бо осонӣ ба даст наомадааст, барои ҳифзи он дониши мукаммал, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ зарур аст.

Дар даврони истиқлол мақоми омӯзгор тадриҷан боло рафт. Омӯзгорон бо сабру таҳаммул, масъулияти баланд ва муҳаббат ба касби хеш фаъолият мекунанд.

Барои баланд бардоштани мақоми омӯзгор тадбирҳои зиёде андешида мешаванд. Барномаҳои такмили ихтисос, семинарҳои омӯзишӣ, истифодаи технологияҳои нав дар раванди таълим ба боло рафтани сатҳи касбии омӯзгорон мусоидат мекунанд.

Аз ин ҷост, ки бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» таҳия ва қабул гардад.

Ин иқдом идомаи мантиқии сиёсати Давлату Ҳукумат буда, ба такмили фаъолияти омӯзгорон такони ҷиддӣ мебахшад.

Дар қонун ҳуқуқу уҳдадориҳои омӯзгор, кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи шаъну шараф ва дастгирии давлатии онҳо ба таври возеҳ муайян карда шудааст.

Ҳар як давлате, ки ба маориф аҳаммият медиҳад, ояндаи дурахшон дорад. Маблағгузорӣ ба соҳаи маориф сол то сол зиёд мешавад, барномаҳои давлатӣ амалӣ мегарданд, барои ҷавонон имкониятҳои таҳсил дар дохил ва хориҷи кишвар фароҳам оварда шудаанд.

Истиқлол барои маорифи Тоҷикистон саҳифаи нав боз кард. Дар ин давра соҳа аз марҳалаи душвор гузашта, ба сатҳи нави рушд расидааст. Мактабҳои замонавӣ, омӯзгорони соҳибтаҷриба, технологияҳои муосир ва таваҷҷуҳи доимии Давлату Ҳукумат ба соҳа нишон медиҳад, ки маориф дар маркази сиёсати давлатӣ қарор дорад.

Иқбол ҲОМИДОВ,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №6-и ноҳияи Зафаробод

ҚОНУН

Дар шароити ҷаҳонишавӣ таваҷҷуҳ ба соҳаи маориф дар авлавият қарор дорад. Дар меҳвари низоми маориф омӯзгор буда, наврасону ҷавононро дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия менамояд. Аз ин рӯ, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» иқдоми муҳим дар роҳи боло бурдани обрӯ ва масъулияти омӯзгорон мебошад.

ТАҚВИЯТБАХШИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРОН

Дар заминаи ин, мақоми иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва касбии омӯзгор таҳким ёфта, ҳифзи шаъну шараф таъмин мегардад.

Қонун ҳуқуқҳои омӯзгорро ба таври возеҳ муқаррар мекунад: ҳимояи ҳуқуқӣ, эҳтироми ҷомеа, шароити мусоиди меҳнат, имконияти такмили ихтисос ва иштироки фаъол дар ҳаёти таълимӣ.

Роҳбарияти мактаб, мақомоти маҳаллӣ ва сохторҳои дахлдор вазифадоранд, ки ҳуқуқи омӯзгорро ҳифз намоянд.

Инчунин, уҳдадориҳои омӯзгор ба таври мушаххас муайян мекунад: риояи одоби касбӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш, истифодаи усулҳои муосири таълим, эҳтиром ба ҳуқуқи хонанда ва ҳамкорӣ бо падару модарон.

Дар баробари ин, омӯзгорони ҷавон дастгирӣ меёбанд. Вақте муаллими навкор медонад, ки фаъолияти ӯ аз ҷониби қонун ҳимоя мешавад, бо ҷасорат ба эҷодкорӣ, ҷустуҷӯи усулҳои нав ва ташаббускорӣ машғул мегардад.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ, қонун ба баланд шудани нуфузи касби омӯзгор дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Дарвоқеъ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» ҷавобгӯи талаботи замони муосир буда, иҷрои талаботи метавонад сифати таълимро баланд бардорад ва эътимоди омӯзгорро тақвият бахшад.

Сафаралӣ САНҶАРОВ,
омӯзгори МТМУ №43-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ

АНДЕША

ТАҲКИМБАХШИ СОҲАИ МАОРИФ

Вахдати миллӣ ва суботу амният дар ҷомеа яке аз бузургтарин дастоварди даврони истиқлол аст, ки ҳамаи комёбиву муваффақиятҳои кишвар самараи он мебошад. Ҳамин аст, ки ҷомеаи байналмилалӣ Тоҷикистонро чун давлати амну босубот ва рушдёбанда эътироф намудааст. Бояд гуфт, ки истиқлол бо муборизаву ҷонисорӣ ва вахдату ҳамфикрии мардуми Тоҷикистон ба даст омадааст ва ҳифзу таҳкими он масъулияту рисолати ҳар фарди ватандӯст маҳсуб меёбад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф ба таври чашмгир рушд кард. Бо дарназардошти он ки рушди устувори соҳаи маориф ва самаранокии ислоҳот аз афзоиши маблағгузорӣ вобастагӣ дорад, Ҳукумати мамлакат маблағгузориро ба ин соҳаи афзалиятнок сол ба сол зиёд карда истодааст. Ҳоло дар соҳаи маорифи мамлакат қонуну стратегияву барномаҳо қабул шудаанд ва ба таҳкими фаъолият ва баланд гардидани сатҳу сифати таълим мусоидат мекунанд. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз дар самти бунёду азнавсозии муассисаҳои таълимӣ тамоми тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида истодаанд.

Бинобар ин, бо дилпурӣ метавон гуфт, ки истиқлолият вусъатбахши раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум мебошад.

Фурқат ҲУСЕЙНЗОДА,
омӯзгори МТМУ №24-и ноҳияи Айнӣ

ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

Дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев бо иштироки раиси ВМКБ Мирзонабот Алишер Худобердӣ Маркази ҳуши маснӯ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Марказ имкон фароҳам меорад, ки донишҷӯёну магистрҳо, олимону устодони муассисаи таълимию тадқиқотӣ бо истифода аз технологияи нав ва ҳуши маснӯ барномаҳои гуногун тарҳрезӣ намоянд. Ҳамчунин, мутахассисони касбияташон баланд омода шуда, дар тақвияту рушди технологияҳои рақамӣ саҳм мегузорад.

***

АЛИДОД АБДОЛБЕКОВ – ҒОЛИБИ ОЗМУН

Дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 5-и шаҳри Хоруғ даври вилоятии озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон – 2026» баргузор шуд. Дар озмун омӯзгорони варзидаи шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят ширкат варзида, маҳорату малакаи тадрис, истифодаи аёнияту технологияи муосир, корбурди самарабахши методҳои таълимии худро пешниҳод карданд.

Дар ҷамъбаст омӯзгори химияи Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғ Алидод Абдолбеков ғолиб гардида, ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифт.

Ҷангибеки УЛФАТШОҲ, «Омӯзгор»

Дар Тоҷикистон 87 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 51,6 миллиард сомонӣ амалӣ мегардад.

ЯК РӮЗ ДАР МУАССИСА

Хуросон: ба таҳсилоти томактабӣ таваҷҷуҳи бештар мебояд



Таҳсилоти томактабӣ дар ташаккули ҳамаҷонибаи кӯдак нақши муҳим мебозад. Бо мақсади аз фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдаки ноҳияи Хуросон шинос шудан ба ин ҷо омадем. Тибқи маълумоти мудири кабинети методии шуъбаи маориф Моҳира Тошева, шумораи кӯдакони синни томактабӣ 15000 нафар буда, аз ин теъдод 568 нафар дар 4 муассисаи таҳсилоти томактабии давлатӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, дар назди 48 мактаб 67 гурӯҳи маркази инкишофи кӯдак фаъолият менамояд, ки дар онҳо 3560 нафар кӯдак таҳсил доранд.

***

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1-и ноҳияи Хуросон аз соли 1936 фаъолият менамояд. Мактаб аз чор бинои асосии дуошёна иборат мебошад. Бинои охирон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 сохта шуда, дорои 10 синфхона ва имкони фарогирии 240 хонанда дар як бастро дорад. Маҳз дар ҳамин бинои навбунёд синфхонаи алоҳида барои муҳассилини Маркази инкишофи кӯдак ҷудо гардидааст.

– Дар назди муассиса тӯли се сол аст, ки Маркази инкишофи кӯдак фаъолият дорад. Солҳои аввал як ва имсол ду гурӯҳ ташкил намудем. Азбаски талабот ба Маркази инкишофи кӯдак зиёд аст, дар назар аст, ки дар оянда боз теъдоди гурӯҳҳоро биафзоем,-иброз намуд муовини директор оид ба таълим Муҳаммадюсуф Тағоймуродов.

Муаллима Нилуфар Асомиддинова ду сол аст, ки дар Маркази инкишофи кӯдак кор мекунад. Ӯ хатмкардаи факултети педагогика ва методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад. Дар соли хониши ҷорӣ омӯзгор дар ду гурӯҳ ва ду баст барои 68 кӯдак машғулият мегузаронад.

Мувофиқи ҷадвал хонандагони гурӯҳи якум, имрӯз се машғулият – омодагӣ ба таълими савод, расмкашӣ, шиносоӣ бо муҳити зист доштанд. Дар синф аз 34 хонанда 16 нафар буданд. Синфхона таъмири хубу замонавӣ дошта, бо ҷевон ва мизу курсиҳои ба синну соли кӯдакон мувофиқ, тахтаи синфӣ ва электронӣ ҷиҳозонида шудааст.

Муаллима Н. Асомиддинова пеш аз оғоз намудани машғулияти расмкашӣ ҳамроҳи кӯдакон дар бораи меваю сабзавот, фарқият, ранг, шакл, тамъ ва дар кадом фасли сол пухта расидани онҳо саволу ҷавоб намуд. Сипас оид ба мавзуи нав, ки кашидани расми тарбуз буд, бо хонандагон суҳбат орост. Ҳамин тавр, дар тахтаи синф расми тарбузро дар се намуд: пурра, ду қисм ва як пора моҳирона кашида, ба шогирдонаш супориш дод, ки онҳо низ ин амалро иҷро намоянд.

Зимни боздид аз Маркази инкишофи кӯдак як қатор мушкилиҳои амсоли норасоии омӯзгорони забонҳои русиву англисӣ ва корношоям будани тахтаи электронӣ ба мушоҳида расид.

***

Муассисаи таҳсилоти томактабии №1 соли 1959 барои 80 нафар кӯдак бунёд шудааст. Пас аз соҳибистиқлолии кишвар бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд ва волидон дар назди муассиса бинои нав барои чор гурӯҳи иловагӣ сохта шуд. Айни замон дар кӯдакистон дар 7 гурӯҳи синнусолии гуногун 157 кӯдак таълиму тарбия мегиранд. Яке аз биноҳои муассиса мувофиқи талабот бунёд ёфта, биноҳои боқимонда намои кӯҳна дошта, ниёз ба таъмир доранд.

– Мо то қадри имкон ҳамасола кӯдакистонро таъмири ҷузъӣ менамоем. Дар соли 2025 аз ҳисоби буҷети ноҳия 209 ҳазор сомонӣ барои таъмир, иваз намудани болопӯши бино ҷудо гашт. Бо он роҳрав ва қисме аз биноҳоро таъмир намуда истодаем. Инчунин, ният дорем, ки соли ҷорӣ барои кӯдакон айвончаҳои бозии тобистона созем,-гуфт мудири муассиса Ҳабиба Кенҷаева.

Дар муассиса 35 корманд фаъолият дошта, аз ин шумора 7 нафарашон мураббиянд. 5 нафар мураббия соҳибтахассус буда, 2 нафари дигар донишҷӯи курсҳои болоиянд. Ҳамчунин, барои баланд бардоштани савияи донишу забономӯзӣ ва фарҳанги тарбиятгирандагон омӯзгорони забонҳои русиву англисӣ ва мусиқӣ ба кор ҷалб шудаанд.

Дар машғулияти кушоди забони англисии омӯзгор Умеда Раҳимова, ки дар гурӯҳи омодагӣ ба мактаб мегузашт, иштирок намудем. Дар машғулият 16 нафар иштирок доштанд. Муаллима машғулиятро аз пурсиши шеърҳо бо забони англисӣ дар Рӯзи модар ва Наврӯз оғоз намуд. Кӯдакон бо лаҳни зебо ва бурро шеърҳои:

My dear, dear mummy
I love you very much
I want you to be happy
On the 8th of March!!!
ва
Grass is green
Spring is here,
Sumalak is ready
Navruz is here!-ро қироат карданд.

Ҳамин тариқ, У. Раҳимова мавзуъҳои гузаштаро ҳамроҳи кӯдакон тариқи саволу ҷавоб такрор намуданд. Дар баробари ин, муаллима бо истифода аз аёниятҳои зиёди худсохт, усулҳои дидактикии таълим, бозиву викторина диққати кӯдаконро ҷалб намуда, ба ин васила, шавқу рағбаташонро ба омӯзиши забони англисӣ бештар мекард.

***

Муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 2-и «Чароғак» соли 1975 бунёд ёфта, дар он 145 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Мудири кӯдакистон Сурайё Исозода гуфт:

– Пеш аз ин 4 гурӯҳ доштем ва бо дарназардошти талаботи зиёд соли 2023 боз синфхона барои гурӯҳи иловагӣ (30 нафар кӯдак) аз ҳисоби волидон ва бучаи кӯдакистон бунёд намудем. Аз ҳамин ҳисоб дар соли 2025 ба маблағи 25 100 сомонӣ биноро қисман таъмири рангубор ва дару тирезаҳоро фарсударо бо пластикӣ иваз намудем.

Саҳни кӯдакистонро дарахтони зиёди мевадиҳанда ва сояафкан оро додааст. Ҳамчунин, он ҷо 4 айвончаи бозии кӯдаконаи таъмирдида ва ҳавзи оббозӣ ба назар мерасад. С. Исозода қайд кард, ки тибқи нақша барои як гурӯҳи дигар айвонча бунёд намуда, дар боқимондаҳояш бошад, ҷойи нишаст хоҳанд сохт.

Ошхонаи муассиса аз долон ва ду ҳуҷра иборат буда, бо таҷҳизоти зарурӣ ҷиҳозонида шудааст. Сарошпаз Ҳанифа Назарова ҳамроҳи ёрдамчиаш барои тарбиятгирандагон рӯзе се маротиба ғизо омода месозанд.

– Солҳои пеш барои таоми як нафар 6 сомон маблағ ҷудо мешуд. Тибқи озмун (тендер) маблағҳои умумӣ ба ҳисоби соҳибкор мегузараду мо аз ӯ маҳсулотро дархост мекунем. Соҳибкор бошад, мувофиқи маблағ ба кӯдакистон онро дастрас менамояд. Имсол аз шуъбаи молияи ноҳия маблағ кам ҷудо шуд, яъне, барои се моҳ 29 ҳазор сомонӣ, бо кадом сабаб, намедонам,-бо таассуф иброз намуд мудир.

Дар «Чароғак» 5 нафар мураббия, омӯзгорони забони русиву англисиву мусиқӣ, равоншиносу мушовир, боғбону дуредгар, дар умум, 26 корманд фаъолият доранд.

Вазифаи мушовирро дар кӯдакистон як сол аст, ки Ҳусноро Назарова бар зимма дорад. Солҳо дар муассиса ба ҳайси мураббия фаъолият менамуд ва инак аз таҷрибаҳои андӯхтааш ба мутахассисони ҷавон маслиҳатҳо медиҳад, роҳбаладиашон намуда, усулҳои кор бо кӯдакон, тарзи истифодаи барномаву ҳуҷҷатҳои гуногунро меомӯзонад. Ҳангоми суҳбат бо муаллима Назарова аён гашт, ки аз 13 номгӯйи дастури методии бо иқдоми Вазорати маориф ва илм нашршуда, 3 номгӯйи он – «Омодагӣ ба саводомӯзӣ», «Расмкашӣ дар кӯдакистон», «Шиносоӣ бо муҳити атроф» аз шуъбаи маорифи ноҳия дастрас шудааст.

Сабрина Шайхуддинова донишҷӯи соли охири шуъбаи ғоибонаи факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар ба номи Носири Хусрав буда, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ чор сол боз ба шогирдон сабақ медиҳад. Дар баробари ин, ду сол мешавад, ки дар муассисаи томактабии «Чароғак» ба кӯдакон забони русӣ меомӯзонад.

Хулоса, таҳлили вазъи таҳсилоти томактабӣ дар ноҳияи Хуросон нишон медиҳад, ки бо вуҷуди пешрафтҳои масъалаҳои фарогирии бештар, таъмири кӯдакистонҳо ва таъмин бо воситаҳои техникиву дастурҳои методӣ боқӣ мондааст.

Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,
«Омӯзгор»

АНДЕША

Таҳаммулпазирӣ – омили хушбахтӣ

16-уми ноябр дар тақвимҳои ҷаҳонӣ ба унвони рӯзи таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулгароӣ сабт шудааст, ки ин санаи сарнавиштсоз дар таърихи кишвари тоҷикон беҳикмат набудааст. Зеро дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон нахустин даъват аз сарҷамъ намудани мардум, таъмини сулҳу якпорчагии кишвар ва оғози музокироти сиёсӣ маҳз дар Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми ноябр шуруъ шуда буд. Он замон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди сулҳофаринӣ пешоҳанг ва ташаббускор гардида, масъулият ва салоҳияти махсусро ба дӯш гирифтанд. Ташаббуси нахустини сулҳофаринии миллӣ аз он давра оғоз шуда, бо вуҷуди ҷой доштани мушкилоту монеаҳои зиёд, барои миллати мо чун қутбнамои оянда дониста мешавад.

Тоҷикон халқи қадима, сулҳпарвар ва таҳаммулпазир ҳастанд, ҳамеша бо ҳамсояҳои худ дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ мезистанд. Дар ҳама давру замон ҳуқуқу озодиҳои дигаронро эҳтиром менамуданд. Таҳаммулпазирӣ аз решаи калимаи «таҳаммул» таркиб ёфта, маънии «ба сахтӣ тоб овардан», «сабру тоқат доштан, махсусан, дар вақти сахтию машаққат» фаҳмида мешавад. Мафҳуми «толерантиа»-и лотинӣ, ки дар забони тоҷикӣ бо вожаҳои таҳаммулпазирӣ, дар арабӣ – «тасомуҳ», дар русӣ – «толерантност» машҳур гаштааст, маънои «пурсабрӣ, шикебо будан ва қабул доштан»-ро дорад. Ҳамчун истилоҳи ҷомеашиносӣ он пазируфтор будан ба ҷаҳонбинӣ, тарзи ҳаёт, рафтор ва анъанаҳои дигарон аст. «Пазирӣ» шакли кӯтоҳшудаи вожаи «пазироӣ», ки дар луғат ба маънии «қабул», «истиқбол» шарҳ ёфтааст.

Вожаи «сулҳ» ба маънои оштӣ, мусолимат, осоиштагӣ ва амонӣ» тафсир гардида, барои дастёб гардидан ба ин неъмати бузург инсоният дар вақти дучор шудан ба сахтию машаққат сабру тоқатро пеша менамояд, яъне, ҳамаи он душворию нофаҳмиҳоро таҳаммул менамояд.

Дар банди унсурҳои таркибии тарбияи миллии «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», оид ба тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ маълумоти муҳим пешниҳод шудааст. Тарбия чун падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона мешавад. Тавре ки аз қисмати муқаддимавии консепсияи мазкур бармеояд, мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад.

Дар урфият мегӯянд: «Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад». Ин мақоли халқӣ ҳам ҳикмати бузургро дар худ инъикос мекунад. Ғӯра меваи норасидаи дарахтро мегӯянд, ки умеди боғбон барои гирифтани ҳосил аст, ки дар муҳлати муайян пухта мерасад. Боғбон ҳам бо сабру таҳаммул ва машаққати зиёд моҳҳо парваришу нигоҳубин мекунад, то самараи хуб ба даст орад. Инсоният ҳам талқин мешавад, ки босабру таҳаммул умр ба сар барад, бо орзую омоли нек интизор шавад, то ба муроду мақсади худ бирасад. Мақоли дигар «Сабр талх аст, вале меваи ширин дорад». Дар ҳошияи мақоли мазкур суханони ҳикматомези Луқмони Ҳаким ба хотир меояд, ки аз ӯ пурсиданд: – «Кадом талхӣ бошад, ки дар охир ширин шавад?» Гуфт: Сабр».

Дар ҳақиқат, меваи сабр ширин аст. Бинобар он, ҳамеша ва дар ҳама кор бо сабру пуртоқат шудан лозим аст. Мегӯянд, ки «санг лаъл шавад дар мақоми сабр». Калиди дари ганҷи мақсад сабр аст. То кас сабр накунад, ба мақсад намерасад.

Хушбахтона, сокинони кишвари мо мардуми ботаҳаммуланд. Сабру тоқат ва таҳаммул ба ҷузъе аз зиндагӣ ва ё одатҳои мардуми тоҷик табдил ёфтааст.

Таҳаммулпазирӣ як хосияти қавии мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад.

Маликахон САИДХОҶАЕВА,
дотсенти кафедраи журналистика
ва назарияи тарҷумаи ДДХ
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

51 довталаб аз ноҳияи Данғара ба даври вилоятии озмуни «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» роҳхат гирифт.

Чу хурсанд бошӣ, таносон шавӣ,
Чу оз оварӣ, з-ӯ ҳаросон шавӣ.
Абулқосими Фирдавсӣ

СИМО

Дар миёни мардуми тоҷик аз дер боз сухане маъруф аст: «Ба кордон – кор осон». Ин на танҳо як мақол, балки хулосаи таҷрибаи зиндагии наслҳост, зеро ҳар куҷо инсонҳои кордон, дилсӯзу масъулиятташинос ҳузур доранд, он ҷо ободӣ, пешрафт ва умед ба фардо низ ҳамқадам мешавад. Одатан, дар гӯшаҳои кӯҳистони кишвари азизамон, ки табиаташ сахтгир, вале одамонаш гармдилу устуворанд, чунин шахсиятҳо кам нестанд.

Ҷавонмардӣ саодатро далел аст



Муҳаммад Замонов аз зумраи ҳамин гуна афрод аст. Ӯ зодаи деҳаи Резгифи Ғузндараи ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ мебошад. Деҳаи хурде, ки бо вуҷуди камбуди замин ва шароити душвор, мардуми шарафманду меҳнатдӯст дорад. Ҳамагӣ 16 гектар замини киштшаванда беш аз 40 хоҷагиро рӯзӣ медиҳад. Шуғли асосии мардум зироаткорӣ ва чорводорист, аммо одамони дилкушоду меҳнатдӯст ва донишманду ватанпарвар дорад.

Падараш Абдумалик Ҳусайн шахсе буд, ки бо меҳнати ҳалол ва рафтори нек дар байни мардум эътибор дошт. Ӯ 9 фарзандро ба воя расонида, дар қалби онҳо меҳру муҳаббат ба зиндагии шоиста ва эҳтиром ба арзишҳои инсониро ҷой додааст.

Миёни фарзандон Муҳаммад аз айёми ҷавонӣ бо хислатҳои неки инсонӣ, бо камоли донишу хирад ва кордонӣ фарқ мекард. Гарчанде шароити кӯҳистон ба ӯ имкони таҳсилоти олиро фароҳам насохт, мактаби зиндагӣ барояш беҳтарин устод гардид. Ӯ роҳи меҳнатро пеш гирифт, чорводориро касб намуд ва бо садоқат ба мардум хизмат кард. Оҳиста-оҳиста бо рафтори нек ва заҳмати пайгирона дар дили ҳамдиёрон маскан ёфт. Ана, ҳамин хислат, яъне, ба зодгоҳ, мардум хидмати софдилона кардан минбаъд дар тинати ӯ камол ёфт.

Бо гузашти вақт дар қалби Муҳаммад эҳсоси масъулият нисбат ба оянда насли наврас реша давонд, зеро ҳар инсон, новобаста ба касбу кор, дарк мекунад, ки тақдири ҷомеа аз мактаб оғоз меёбад.

Ин андешаҳо боис гардиданд, ки Муҳаммад ҳамеша ба кори мактаб бетафовут набошад. Хусусан, баъд аз он ки бо Шамсия Одинаева – омӯзгори ҷавону соҳибмаърифат оила бунёд кард. Ин пайванд боз ҳам мустаҳкамтар гардид. Фаъолияти мактаб, ки дар ҳоли начандон хуб қарор дошт, беҳтар гардид, омӯзгоронро аз ҳар гӯшаю канор ба кор ҷалб карданд ва сифати таҳсилот боло рафт. Шамсия Одинаева директори мактаб таъйин гардид. Муҳаммад бошад, ҳамеша дар паҳлуяш, барои беҳтар шудани шароити таълиму тарбия саҳм мегузошт.

Бархе аз мардуми кӯҳистон барои беҳдошти зиндагиашон ба водӣ кӯч бастанд. Муҳаммад Замонов ва аҳли оилааш низ бо як ҷаҳон умеду орзу соли 2018 ба шаҳраки Темурмалики ноҳияи Бобоҷон Ғафуров омаданд. Он замон ин маҳал як дашти холии нообод буд. Аҳён-аҳён хонаҳо дар ҳар ҷо-ҳар ҷойи он ба чашм менамуд, аммо барои инсонҳои кордон ҳар замини холӣ низ имкони ободист.

Тадриҷан зиндагӣ бо маҷрои дурусти худ ворид гашт. Чун аҳолӣ зиёд шудан гирифт, масъалаи бунёди мактаб пеш омад. Бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ки ин шаҳрак дар тобеияти Ҷамоати Дадобой Холматови ин ноҳия дохил мешавад, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16 бо номи Насимҷон Ҳоҷибобоев бунёд гардид. Рӯз ба рӯз теъдоди аҳолӣ меафзуд ва дар ин муассисаи таълимӣ имкони пурра ба таҳсил фаро гирифани хонандагон мавҷуд набуд.

Аҳолии шаҳраки Темурмалик имрӯз зиёда аз 2000 нафар буда, дар муассисаи таълимии номбурда 650 хонанда дар се баст таҳсил менамоянд. Ин мушкилот бояд роҳи ҳалли худро меёфт. Муҳаммад Замонов ҳарчанд ягон вазифаи давлатӣ надошт, аз рӯйи дилсӯзӣ нисбат ба тақдири ояндаи насли наврас натавонист бетараф бимонад. Вай ҳамеша дар пайи ҷустуҷӯйи инсонҳои хайрхоҳу хайрандеш ва дилсӯзи илму маориф мегашт, то ки шояд рӯзе роҳи ҳалли ин масъаларо пайдо намояд. Дар дили ӯ боз ҳамон ҳисси масъулияти дерина бедор шуд.

Ба идораҳо – аз ҷамоат сар карда, то шуъбаи маориф ва мақомоти ҳокимияти давлатии ноҳия сар механлонду имдод меҷуст.

Ниҳоят заҳмату талошҳо самар доданд. Дар партави сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, раёсати маорифи вилояти Суғд, шуъбаи маорифи ноҳия, инчунин, бо дастгирии инсонҳои хайрхоҳу маърифатпарвару ватандӯст ва саҳми худи мардуми шаҳрак иқдоми бунёди синфхонаҳои иловагӣ ва толори варзишӣ роҳандозӣ гардид.

Дар пайравӣ ба мақсадҳои поку софдилонаи Муҳаммад Замонов мардум якдилона ба кор шуруъ карда, бо нияти пок ва умеди равшан дар муддати кӯтоҳ 7 синфхонаи иловагиро бунёд карданд. Ҳоло сохтмони толори варзишӣ низ дар марҳалаи анҷомёбист.

Муҳаммад Замонов аз аввал то охир дар паҳлуи мардум буд. Маҳз ҳамин самимият буд, ки кори оғозёфтаро бомуваффақият ба анҷом расонда, мақсадеро, ки дар дили худ солҳои зиёд мепарварид, барои амалӣ гаштанаш сабаб шуд.

Пас аз анҷоми бинои синфхонаҳои иловагӣ намояндагон аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, раёсати маорифи вилоят, шуъбаи маорифи ноҳия аз сатҳу сифати сохтмон қаноатманд гардиданд.

Муҳаммад Замонов аз он меболад, ки дар соли барои кишвари соҳибистиқлоли мо хеле хотирмону таърихӣ – 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди синфхонаҳои иловагӣ ва толори варзишӣ дар назди муассисаи таълимӣ туҳфаи беҳтарин хоҳад буд. Аз оғози соли таҳсили нав омӯзгорону хонандагони муассисаи таълимии мазкур бо чеҳраҳои хандону дилҳои пур аз фараҳ ва шукргузорӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Давлату Ҳукумат вориди синфхонаҳои тозаву озода гашта, пайи аз худ намудани илму дониш камари ҳиммат мебанданд.

Умарбек ШАРИФОВ,
омӯзгори собиқадор

Равшанзамиру садоқатпеша

Дар даврони муосир, ки кишвар ба пешрафти илмию техникӣ ва баланд бардоштани сифати таълим аҳаммияти хоса медиҳад, нақши занон дар таҳкими таълиму тарбия ва ташаккули маърифати насли ҷавон бештар аз ҳарвақта муҳим гардидааст.

Дар ҷомеаи мо омӯзгорон мақоми баланд доранд, онҳо бо меҳнату заҳмати худ насли наврасро ба роҳи дониш, маърифат ва инсондӯстӣ раҳнамоӣ мекунанд. Яке аз чунин шахсиятҳои варзида ва содиқ ба касби омӯзгорӣ Матлуба Муинова мебошад.

Ин бонуи маърифатоин дар шаҳри Хуҷанд дар оилаи коргар ба дунё омадааст.

Соли 1973 пас аз хатми мактаби №20-и шаҳр ба факултети физикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, соли 1978 онро бомуваффақият хатм менамояд. Фаъолияти меҳнатиашро соли 1979 ҳамчун омӯзгори мактаби миёнаи №54-и шаҳри Душанбе оғоз карда, аз соли 1981 дар Омӯзишгоҳи педагогии Хуҷанд ба ҳайси омӯзгор-мураббӣ фаъолият намудааст.

Аз соли 1983 дар мактаби миёнаи №23-и шаҳри Хуҷанд ҳамчун омӯзгори физика бо меҳру муҳаббат ба таълиму тарбияи хонандагон машғул гардид. Барои фаъолияти пурсамар ва саҳми арзандааш дар рушди соҳаи маориф бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардид.



Соли 1990 ӯ мудири ҳуҷраи методии шуъбаи маорифи шаҳри Хуҷанд таъйин шуда, дар рушди фаъолияти омӯзгорон ва татбиқи барномаҳои нави таълимӣ саҳми назаррас гузошт. Соли 1997 дар вазифаи директори мактаби миёнаи №23-и шаҳр оғози фаъолият намуда, махсусан, дар баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва омодасозии хонандагон ба озмуну олимпиадаҳо саҳми арзанда гузошт.

Муаллима Матлуба Муинова бонуи донишмандест, ки бо заҳмати пайваста ва талошҳои хастагинопазир ганҷи маърифатро ба шогирдон мебахшад. Занони хирадманд ҷомеаи моро бештар обод ва ояндаро бо кору пайкори наҷиби хеш дурахшон месозанд. Аз ҳамин гуна бонувон аст устоди арҷманди мо. Ман аз ӯ дарси маҳорати педагогӣ омӯхтаам ва аз ин хеле сипосгузорам» - мегӯяд мудири шуъбаи маорифи шаҳри Хуҷанд Мадина Салимзода.

Фаъолияти назаррас, ташаббускорӣ ва дилбастагӣ ба соҳаи маориф имкон фароҳам овард, ки Матлуба Муинова солҳои зиёд дар вазифаҳои гуногун фаъолият намуда, ба дастоварду комёбиҳои назаррас ноил гардад.

Ин зани лаёқатманду кордон бо қарори раиси шаҳри Хуҷанд соли 1999 ба вазифаи муовини раиси шаҳри Хуҷанд таъин гардид. Дар ин вазифа ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҷавонон ва варзиш саҳми назаррас гузошт. Аз соли 2001 дар вазифаи директори муассисаи таълимии №1 ба номи Маҳмудхоҷа Беҳбудии шаҳри Хуҷанд ба кор пардохт. Дар давраи роҳбарии ӯ муассиса мақоми гимназияро соҳиб шуда, хонандагони он дар озмунҳо ва олимпиадаҳои гуногун ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Устод М. Муинова бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2009 директори Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Бӯстон таъин гардид. Дар давраи роҳбарии ӯ ин таълимгоҳ ба яке аз муассисаҳои пешқадами таълимӣ табдил ёфт.

Айни ҳол Матлуба Муинова дар гимназияи №1-и шаҳри Хуҷанд ҳамчун роҳбари маҳфили «Зиндагӣ чист?» фаъолият намуда, таҷрибаи ғании худро ба насли ҷавон меомӯзад. Фарзандонаш имрӯзҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ кору фаъолияти пурсамар доранд ва номбардори номи неки волидайн гардидаанд.

Фаъолияти пурсамар ва зиндагии ибратбахши ин зани фаъолу садоқатпеша намунаи олии хидмат ба ҷомеа ва тарбияи насли солим мебошад.

Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

ИСТИҚБОЛ

Ду ҳамоиш дар як мактаб

Ҳафтаи гузашта дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 26-и деҳаи Сангмелаи ноҳияи Шаҳринав ду ҳамоиши адабию фарҳангӣ бо иштироки устодону хонандагон, волидайн ва меҳмонон баргузор гашт, ки дорои мундариҷаи рангину фарогир буд. Ҳамоиши аввал, ки «Мирзо Турсунзода – қосиди сулҳу дӯстии халқҳои ҷаҳон» унвон дошт, ба 115-солагии ин шоири маъруф бахшида шуд. Дар огози ҳамоиш директори таълимгоҳ Аминҷон Розиқов вобаста ба ҷолибтарин лаҳзаҳои ҳаёт ва фаъолияти устод Турсунзода ва хидматҳои барҷастаи ӯ ба манфиати халқу миллат суханронӣ кард. Сипас маърӯзаи омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Ҷамолиддин Исмоилов дар мавзуи «Тараннуми Ватан ва сулҳу дӯстӣ дар эҷодиёти Турсунзода» шунида шуд. Дар идомаи ин ҳамоиши адабию фарҳангӣ гурӯҳе аз хонандагон аз осори шоир шеърҳо қироат карданд. Хонандагони синфи 2, бародарон Ҳасан ва Ҳусейн Шарифовҳо достони «Ҷони ширин»-ро пурра аз ёд гуфта, ҳамаро ба ваҷд оварданд.

Ҳамоиши дуюми вохӯрӣ бо адиб ва рӯзноманигори тоҷик, барандаи Ҷоизаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, корманди ҳафтаномаи «Омӯзгор» Абдурауф Муродӣ буд. Нахуст мавсуф дар назди иштирокдорони вохӯрӣ дар бораи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ, адабиёти бадеӣ ва аҳаммияти он, озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва нақши китоб дар рушди маънавии инсон суханронӣ карда, ба суолҳои зиёди хонандагони таълимгоҳ посух гуфт. Гурӯҳе аз хонандагон аз эҷодиёти адиб дар мавзуъҳои ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба забони модарӣ, китоб ва китобхонӣ намунаҳо қироат карданд ва саҳначаеро ба намоиш гузоштанд.

Дар ин ҳамоишҳои судманду хотирмон, ҳамчунин, мутахассиси шуъбаи маорифи ноҳияи Шаҳринав Муътабар Хоҷаева, омӯзгори собиқадор, собиқ мудири шуъбаи маорифи ноҳия Мушаррафа Шарифова иштирок ва суханронӣ карданд.

Н. ОХУНЗОДА, «Омӯзгор»

Дар деҳаҳои Қалъаи Нав, Ҷавонӣ ва Чормағзи шаҳри Роғун се кӯдакистон ба истифода дода шуд.

ФАЪОЛИЯТИ МОНДАГОР

Исмоил Зарифӣ имрӯз яке аз чеҳраҳои маъруфи кишвар аст. Фаъолияти бавусъат дорад: ҳам омӯзгор асту ҳам адиб ва ҳам ба рӯзноманигорӣ гаравиш дораду ҳам ба таҳиягарию баргардонӣ (аз хати ниёгон ба хати кириллӣ) машғул мешавад. Хонандагон наздик ба чил китоби ӯро рӯйи даст доранд.

Маро чун тоҷикистонӣ садо кун!

Исмоли Зарифӣ ҳаводор ва дӯсти дерини ҳафтаномаи «Омӯзгор» аст. Ҳар гоҳ ки ба шаҳри Душанбе ояд, ба остонаи ин нашрияи писандидааш низ қадам мегузораду бо аҳли эҷоди он суҳбати гарму самимӣ (аксаран перомуни мазмуну муҳтавои ҳафтанома) меорояд ва чанд шеър ё накардаам. Ҳама ҷо сокинон бо меҳру муҳаббат, самимона пешвозам мегирифтанд. Суҳбатҳои дилчаспу гуворо меоростем мо. Басо хушам меомад, ки мардум имрӯз бо ифтихор ва аз самими дил дар



дии ҳамдиёронамонро бо осори марғуби иншошуда бо хати ниёгон густариш бахшам. То имрӯз девонҳои Саққои Бухорӣ, Фонӣ, Қудсии Машҳадӣ, Урфии Шерозӣ, Буалӣ Қаландар, Махфӣ, Иброҳим Шоҳидӣ, Муҳйии Хуқандӣ, Сайфиддини Бохарзӣ, Исмати Бухорӣ, Розиқи Фонӣ, Аббоси Сабуҳӣ, Фурӯғи Фаррухзод, Нодири Нодирпур, Ҳушанги Соя, Раҳим Муъайярӣ, Наҷми Зореъ, Жолаи Исфаҳонӣ, Абдулвасеи Ҷабалӣ, Шаҳриёр, Фозили Назарӣ ва чандин бузургвори дигарро хатгардон кардаву бо мадади дӯстони саховатпешаю маърифатпарварам ба чоп расондаам. Ҳар кӣ аз кори таҳиягариву баргардонӣ огаҳӣ дорад, хуб медонад, ки он чӣ қадар заҳмату диққат ва дақиқназарию саҳеҳамалӣ металабад. Ман вобаста ба ин самти фаъолияти худ аз бисёр ашхоси номвару беғараз ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам берун аз он арзи сипос шунидаам ва хонандагони зиёде тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ таҳсинам гуфтаанд. Инро беҳтарин подош барои заҳматҳоям медонам ва имкон дарёбам, минбаъд дар ин самт чанд амали дигареро сомон хоҳам бахшид.

- Мо ифтихормандем, ки шумо иртиботу таваҷҷуҳ ва эҳтироми вижае ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» доред. Солҳо боз муаллифи фаъоли нашрияед. «Омӯзгор» бештар бо чӣ махсусиятҳояш писанду мақбули шумо гашта?

- Ман ҳар ҳафта рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳуриамонро дастрас кардаву варақ мезанам. Ин амалам собиқаи нимасра дорад. Мекӯшам, ки ҳар навиштаи тозаву ҷолибу судмандро мутолиа бикунам ва агар зарур донам, вобаста ба он ибрози ақида намоям, бо муаллифаш дар иртибот бошам. Хондани ҳар мақола, ҳикоя ва хабари хуб бароям гуворост. Ба «Омӯзгор» таваҷҷуҳи бештар дорам. Ин нашрияро мазҳари илму адабу мактабу маорифи мамлакат медонам. Корномаи «Омӯзгор» беҳамтост ва бо ифтихору ташаббус, тозакорию ҷасорат иртибот дорад. Беҳтарин адибони кишвар бо дастгирию роҳнамоии ҳамин нашрияи шуҳратёр қалам рост кардаву «роҳхат» ба арсаи адаб гирифтаанд. Ман пешаи омӯзгорӣ ҳам дорам ва қотеъона мегӯям, ки бе мутолиаи пайвастаи нашрияи «Омӯзгор» ва баҳрабардорӣ аз навиштаҳои он наметавон дар кори таълиму тарбия ба комёбӣ расид. Имрӯз, назар ба бардошту мушоҳидаҳои ман, «Омӯзгор» бештар хонданию пурмуҳтаво шудааст, домани мавзуъҳову ибтикороташ вусъат дарёфтааст ва хушо, ки теъдоди муштариёнаш низ мунтазам меафзояд. Ифтихори шиносоию дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо чанде аз қаламкашони номвари ин нашрияро дорам.

- Ташаккур барои суҳбат.

- Саломат бошед.

Суҳбатиро
А. МУРОДӢ,
«Омӯзгор»

маҷолаи тозаэҷодашро барои чоп пешкаш мекунад. Ҳафтае қабл ӯ боз меҳмони «Омӯзгор» шуда буду гуфтугӯи самимӣ бо мо дошт. Бо истифода аз фурсати мувофиқ ба чанд суоли хеш аз ин эҷодкори хушсалиқа посух дарёфтем.

- Устоди азиз, шумо яке аз китобҳои худро, ки ба наздикӣ эҳдо ба хонандагон гашт, «Маро чун тоҷикистонӣ садо кун» номидаед. Бисёр китоби хонданию самимӣ ва саршор аз меҳру муҳаббат. Лутфан, мегуфтед, ки чаро ба китобатон маҳз ҳамин номро мувофиқу муносиб донистед?

- Ҳар эҷодкори асилро ҳадафҳоест воло ва неку: аз хидмат барои рушди адабиёт то мусоидат ба тақвияти тарбияи маънавии аҳли ҷомеа. Садсолаҳост, ки адабиёт бо осори муассиру ҳадафгир мардумро ба ростию росткорӣ, дӯстию рафоқат, ҳамдилию меҳрубонӣ, созандагию бунёдкорӣ... ҳидоят ва роҳнамоӣ мекунад. Адабиёт неруи тавоност, корагару чорагар аст. Қудрати адабиёт дар сухан ифода меёбад, дар сухани баланду дилписанд, дар сухане, ки «сар занад аз дил ба дил коре кунад». Бубинед, ниёгони бузургу беҳамтоямон суханро то ба чӣ ҳадде ситоиш кардаанд:

Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,
Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро.

Оне, ки бо адабиёт гаравидааст, бо тарбият, бо сухани воло, бо тарғиби некӣ ва накуҳиши зиштӣ сарукор дорад. Ман ҳамчун эҷодкор мисли ҳампешагони дигарам кӯшиш бар он дорам, ки барои пешрафту комёбии Ватани азизам, барои ободию осоиштагии ин диёри биҳишто-со ҳиссагузор бошам. Китоби «Маро чун тоҷикистонӣ садо кун» ба мавзуъҳои гуногун – хештаншиносӣ, эҳтироми муқаддасоти миллат, ватандӯстӣ, ситоиши истиқлол, тарғиби илму дониш, эҳтироми бузургон ва падару модар, дӯстию ҳамбастагӣ, ишқу муҳаббат, ёдкарди афроди накукору ҳамидахисол ва амсоли инҳо бахшида шудааст, вале мавзуи Ваҳдати миллӣ дар меҳвари ин китоб қарор дорад. Тоҷикистони соҳибистиқлол зодаи ваҳдати миллист. Чунонки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври муъҷазу ҳикматбор гуфтаанд: «Ваҳдат бунёди ҳастию пояндагии миллат аст, миллате, ки ваҳдат надорад, ногузир ба завол мерасад».

Ман ба тамоми минтақаҳои Тоҷикистон сафарҳо доштам ва дар ҳеҷ як гӯшаи он худро бегона ва ҳатто меҳмон ҳис

бораи сулҳу ваҳдат, дӯстию баробарӣ сухан мегӯянд. Ин бароям илҳомбахшу ифтихорафзост. Танҳо аз он нохушам, ки ҳанӯз ҳам гоҳ-гоҳе, ягон-ягон суханони маҳалгароёна ба гӯшам мерасанд. Инро набояд нодида гирифт, набояд роҳ дод, ки ин «шарора» аланга бигирад. Маҳалгароиро сахт бояд маҳкум кард, аз ҷумла, тавассути неруи каломи бадеъ. Номи китобам аз номи шеъре гирифта шудааст, ки дар он, аз ҷумла, чунин мисраъҳо ҳастанд:

Маро, эй дӯст, хатлонӣ садо кун!
Ба меҳри дил бадахшонӣ садо кун!
... Зи Масчоҳам, ба Фалгар реша дорам,
Дилат хоҳад, зарафшонӣ садо кун!
...Душанбе қиблаи армони ман шуд,
Маро чун тоҷикистонӣ садо кун!

Имрӯз ҳар як фарди баору номуси миллат бояд ба ҷон баҳри пойдорию безаволии ваҳдати миллат ва ободию пешрафти Тоҷикистони азиз ҷидду ҷаҳд намояд, ваҳдатшиор бошад. Имсол мо 35-умин солгради Истиқлоли давлатии кишвари маҳбубамонро таҷлил менамоем. Ман ҳамчун як фарзанди содиқи Ватан, Ватане, ки бисёр дӯст медорам ва мепарастам, китоби «Маро чун тоҷикистонӣ садо кун»-ро дастовезе ба ин ҷашни бузургу фархунда медонам.

- Як паҳлуи фарогири фаъолияти шумо таҳияву баргардонии осори адибони классики тоҷик ва зумрае аз шоирони эронист. Аслан, шумо дар чанд самт машғули кору эҷодед ва аз ин рӯ, чӣ сабаб гашта, ки боз ба ин амали ҷиддиву заҳматталаб вақт сарф намоед?

- Воқеан, вақт гаронтарин сарвати шахс аст ва ҳаргиз барои беҳудаю бесамару беасар сарф намудани он набояд роҳ дод. Ман метавонистам бо ҷойи вақти зиёде сарф бинмуда, аз хати ниёгон ба хати имрӯзи кишвар (кириллӣ) баргардон кардани матнҳо чанд силсила шеъру мақола нависам, китобҳои нави худро ба чоп омода созам ва боз ба корҳои муҳимми дигаре машғул шавам, вале чанд муддат рӯй овардан ба таҳияву баргардониро зарур донистам. Хуб медонам, ки имрӯз сокинони ҷумҳурии мо асосан мутолиа бо хати кириллӣ, хати расмии кунунии давлатиамон мекунанд, чашмашон ба ҳамин хат одат кардаасту аксар ба омӯзиши хати арабиасос ва мутолиа бо он ҳавсала надоранд. Ин маро водошт, ки баргузидаи асарҳои ниёгону ҳамзабонони ҳамчаворамонро баргардон кунам ва ба ин васила, то ҷое доираи мутолиаю огоҳман-

Ёрии омӯзгорон ба зарардидагон

Ҳамагон хабар доранд, ки шаби 1-уми майи соли 2026 дар натиҷаи боришоти шадид сел ба амал омада, ба хонаҳои сокинони якчанд маҳаллаи шаҳри Кӯлоб зарар расид. Аз ҷумла, хонаҳои истиқоматӣ, иншооти ёрирасон ва дигар амволи сокинон зери обу лой монда, пурра ё қисман хароб гардиданд.

3 май бо ташаббуси роҳбарияти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гурӯҳи омӯзгорону кормандони донишгоҳ ба маҳаллаҳои офатзада, аз ҷумла, маҳаллаҳои Корвонгузар, Нонбойи Поён, Хатти Роҳ ва Суғдиён сафарбар шуда, барои барқарорсозии хона ва дигар иншооти ёрирасон саҳм гузошта, ба сокинони дар хаймаҳои муваққатӣ сукунатдошта маводи ғизоӣ дастрас намуданд.

Қобили зикр аст, ки чунин иқдомҳои хайрхоҳона аз ҷониби кормандону омӯзгорони Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азизи ба роҳ монда шуда, онҳо бо дасту дили гарм ва ҳамраъйии хосса ба мардуми офатзада ёрӣ расонида, дар қатори дигар кормандони касбу кор дар тоза намудани харобаҳо саҳм гузоштанд.

Х. ИСЛОМ, «Омӯзгор»

ЭЪТИБОР НАДОРАД


Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0653699, ки онро соли 2019 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Мирзораҳимзода Суман Ҳошимҷон додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи гумшудаи ДТК №0094743, ки онро соли 2015 Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов ба Шарипов Зиёдулло Шуҳратович додааст, эътибор надорад.

ЧАШМАНДОЗ

МАОРИФИ ҶАҲОН



Ямайка

Дар Ямайка таҳсилоти томактабӣ қисми муҳимми низоми маориф ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумот, зиёда аз 85% кӯдакони аз 3 то 5-сола ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шудаанд.

Бояд қайд кард, ки Ямайка яке аз аввалин кишварҳо дар минтақа мебошад, ки низоми арзёбии сифати таҳсил дар зинаи таҳсилоти томактабиро ҷорӣ намудааст. Барномаҳои таълимӣ ба рушди нутқ, ҳисоб ва малакаҳои иҷтимоӣ равона шудаанд.

Эритрея

Дар Эритрея таҳсилоти миёна одатан аз синфи 6 то 11 ё 12-ро дар бар мегирад. Сатҳи саводнокӣ дар кишвар тақрибан 70-75% арзёбӣ мешавад. Яке аз хусусиятҳои хос имтиҳони миллӣ дар анҷоми таҳсилоти миёна мебошад.

Норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ мушкилоти асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар барномаҳои таълимӣ ба омӯзиши фанҳои STEM бештар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Уругвай

Дар Уругвай ба касбомӯзӣ диққати махсус дода мешавад. Яке аз барномаҳо Plan Ceibal мебошад, ки аз соли 2007 амал мекунад ва дар доираи он, ба ҳар як хонанда ноутбук дода мешавад.

Дар марказҳои касбомӯзии Уругвай беш аз 100 ихтисос амал мекунад. Тақрибан 40% ҷавонон ба барномаҳои касбӣ ҷалб мешаванд. Ҳамкорӣ бо корхонаҳо имкон медиҳад, ки донишҷӯён таҷрибаи амалӣ гиранд. Дар баъзе соҳаҳо, ба мисли IT ва энергетика талабот ба мутахассисон зиёд аст.

Ватикан

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Вактикан донишҷӯёни зиёде аз кишварҳои ҷаҳон таҳсил мекунанд. Забонҳои асосии таълим итолиёвӣ ва лотинӣ мебошанд. Барномаҳои таълимӣ бештар ба технология, фалсафа ва ҳуқуқ равона шудаанд. Дар Ватикан китобхонаҳои бузурги илмӣ, аз ҷумла, Китобхонаи Апостолӣ (Vatican Apostolic Library), ки яке аз қадимтарин китобхонаҳои илмӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, мавҷуд аст.

Китобхонаи Апостолӣ дар асри XV таъсис ёфта, дар он зиёда аз 1,5 миллион китоб, 80 000 дастнависи қадимӣ, ҳуҷҷатҳои муҳимми таърихӣ, мактубҳо, санадҳо ва ғайра нигоҳ дошта мешаванд.

Ангола

Сатҳи саводнокӣ дар Ангола тақрибан 66-70% мебошад. Яке аз мушкилоти асосӣ норасоии омӯзгорони тахассусманд мебошад. Барномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, бо дастгирии UNICEF, барои ҷалби бештари наврасон ба таҳсил фаъолият мекунад.

Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

Нигар, то нагардад ба гирди ту оз,
Ки оз оварад хашму биму ниёз!
Абулқосими Фирдавсӣ

ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»

Ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни бузурги таърихӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҳадафи тавзеҳу баррасию муаррифии густардаи марҳалаҳои рушди маорифи ҷумҳурӣ ва тавсифи дастоварду навгониҳои соҳа барои беҳтарин асарҳои публитсистӣ таҳти унвони **«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»** озмун эълон мекунад.

Навиштаҳо бояд инъикосгару тавзеҳбахши сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, корномаи аҳли маориф дар самти пойдории Истиқлоли давлатӣ ва марҳалаҳои рушди соҳаи маориф, фаъолияти фидокорони соҳа, комёбиҳои маорифи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳаводиси муассиру хотирмон вобаста ба ислоҳоти соҳа, тозакорию навгониҳо дар соҳа, омӯзгорони эҷодкору навовар, мақому мартабаи аҳли таълиму тарбия ва амсоли инҳо бошанд.

Ба навиштаҳое, ки саҳеҳу муъҷазу навоварона эҷод шудаанду забони шевою пуробуранг, таҳлилу пешниҳодҳои судманд, андешаҳои ҷолиб доранд ва дар онҳо умумигӯию якрангӣ ба мушоҳида намерасад, афзалият дода мешавад.

Ҳаҷми мақолаҳо набояд аз 4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Roman, андозаи 14, интервали 1) зиёд бошад. Дар сурати ба инобат нагирифтани ин талабот, нигоштаҳо ба чоп иҷозат дода намешаванд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то 20 августи соли 2026 идома меёбад ва дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ (09.09.2026) ҷамъбаст мегардад.

Мукофотҳо барои ғолибон:

Ҷойи 1 – 7 000 сомонӣ
Ҷойи 2 – 5 000 сомонӣ
Ҷойи 3 – 3 000 сомонӣ

Ғолибон, ҳамчунин, соҳиби ифтихорнома ва туҳфаҳо хоҳанд шуд. Гулчини мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида ба табъ мерасад.

НАРХНОМАИ
ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот дар соли 2026

Т/Р	НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲО	НАРХ
1	ДТО (дипломи таҳсилоти олии касбӣ, мутахассис)	44,23
2	ДОА (дипломи аълои таҳсилоти олии касбӣ, мутахассис)	58,88
3	ДМБ (дипломи таҳсилоти олии касбӣ, бакалавр)	37,23
4	ДБА (дипломи аълои таҳсилоти олии касбӣ, бакалавр)	56,26
5	ДММ (дипломи таҳсилоти олии касбӣ, магистр)	44,23
6	ДМА (дипломи аълои таҳсилоти олии касбӣ, магистр)	53,13
7	ДМД (дипломи таҳсилоти олии касбӣ, магистр барои академияҳо)	57,57
8	ДМД (дипломи аълои таҳсилоти олии касбӣ, магистр барои академияҳо)	58,58
9	ДХМ (дипломи таҳсилоти олии касбӣ, хориҷӣ)	57,06
10	ДХМ (дипломи аълои таҳсилоти олии касбӣ, хориҷӣ)	27,63
11	Т-АТАХ (аттестати таҳсилоти умумӣ, асосӣ, хориҷӣ)	9,03
12	Т-АТАХ (аттестати аълои таҳсилоти умумӣ, асосӣ, хориҷӣ)	7,28
13	Т-АТУХ (аттестати таҳсилоти миёнаи умумӣ, хориҷӣ)	9,03
14	Т-АТА (аттестати таҳсилоти умумӣ, асосӣ)	9,03
15	Т-АТА (аттестати аълои таҳсилоти умумӣ, асосӣ)	9,03
16	Т-АТУ (аттестати таҳсилоти миёнаи умумӣ)	9,03
17	МБПА (аттестати таҳсилоти умумӣ, асосӣ барои Мактаби байналмилалии Президентӣ)	53,13
18	МБПА (аттестати аълои таҳсилоти умумӣ, асосӣ барои Мактаби байналмилалии Президентӣ)	59,77
19	МБПУ (аттестати таҳсилоти миёнаи умумӣ барои Мактаби байналмилалии Президентӣ)	53,13
20	Шаҳодатнома (барои курсҳои кӯтоҳмуддати 3-10-моҳа)	30,55
21	Т-ААТ (аттестати аълои равияи табиӣ-риёзӣ бо медали тилло дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ)	53,13
22	Т-ААТ (аттестати аълои равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо медали тилло дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ)	53,13
23	Т-ААТ (ун) (аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ)	59,67
24	Т-ААН (аттестати аълои равияи табиӣ-риёзӣ бо медали нуқра дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ)	59,67
25	Т-ААН (аттестати аълои равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо медали нуқра дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ)	43,57
26	Т-ААН (аттестати аълои универсалӣ бо медали нуқра дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ)	43,57
27	ДМТ-Б (бакалавр)	106,27
28	ДМТ-Б (бакалавр, аъло)	106,27
29	ДМТ-МТ (мутахассис)	106,27
30	ДМТ-МТ (мутахассис, аъло)	106,27
31	ДМТ-М (магистр)	106,27
32	ДМТ-М (магистр, аъло)	106,27
33	ДМТ БХ (бакалавр, хориҷӣ)	106,27
34	ДМТ БХ (бакалавр, хориҷӣ, аъло)	106,27
35	ДМТ МХ (мутахассис, хориҷӣ)	106,27
36	ДМТ МХ (мутахассис, хориҷӣ, аъло)	106,27
37	ДМТМХ (магистр, хориҷӣ)	106,27
38	ДМТМХ (магистр, хориҷӣ, аъло)	106,27

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд

№	МУДИРИ КАФЕДРА	ДАРАҶАИ ИЛМӢ	ҶОЙ
1.	Кафедраи фанҳои гуманитарӣ	Номзади илм, доктори илм	1
2.	Кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва суғурта	Номзади илм, доктори илм	1
3.	Назарияи иқтисодӣ ва ташкили соҳибкорӣ	Номзади илм, доктори илм	1
4.	Менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнат	Номзади илм, доктори илм	1

Довталабон барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- ариза ба номи ректор оид ба иштирок дар озмун;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатии тасдиқшуда;
- нусхаи дипломи таҳсилоти олии касбӣ, номзадӣ ё докторӣ;
- парванда ва варақаи шахсӣ бо расм;
- тарҷумаи ҳол;
- тавсифнома аз ҷойи кор;
- рӯйхати асарҳои илмию методӣ.

Ҳуҷҷатҳо барои озмуни ишғоли вазифа бояд на кам аз 10 рӯз пеш аз оғози ҷаласаи шурои олимони донишгоҳ ба котиби шурои олимон пешниҳод карда шаванд.

Муҳлати пешниҳоди ариза барои иштирок варзидан дар озмун на дертар аз як моҳи интишори эълон мебошад.

Нишонӣ: ш. Душанбе, к. Деҳотӣ – 1/2, телефонҳо барои тамос: 234-85-46; 901-44-92-20.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД
ОМӮЗГОР
НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА
(ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА
(муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
(шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ
(ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ
(вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА
(вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61
(масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА
(ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 46150 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ҳ. Ҳомидзода